Набиева Р., Зикриёев Ф.

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК



11

*Роҳат Абдуваҳҳобовна Набиева*
*Файзӣ Боқиевич Зикриёев*

# Таърихи халқи тоҷик

**Китоби дарсӣ барои синфи 11**

***Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия намудааст***

ДУШАНБЕ - 2006
«СОБИРИЁН»

1 - 187

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*
*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модари ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*





# САРСУХАН

Тарбияи ватандӯстӣ ин тарбияест, ки дар натиҷаи он шаҳрвандон Ватан, яъне ҷумҳурии соҳибистиқлоли худро дӯст дошта, баҳри инкишофи он содиқона меҳнат мекунанд. Яке аз омилҳои муфиди тарбияи ватандӯстӣ ва ба камол расонидани ҷавонон ин дуруст ба роҳ мондани омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» мебошад.

Бо туфайли соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон омӯхтани таърихи Ватан ва мақоми он дар ҷомеа торафт афзуда истодааст. Дар ин хусус Президенти Ҷумҳур Э.Ш. Раҳмонов чунин қайд кардааст: «Агар кас гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест! Ин хитобаи содда, вале дар айни замон ҷиддии бузургони илму адаби мо аз қаъри асрҳо ба гӯш мерасад ва ҳушдор медиҳад, ки аз таърихи миллату сарзамин, расму русум ва дину оини худ мудом воқиф бошем. Вокеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Пас ҳар фард бе омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фано қадам мениҳад ва, ба таъбири имрӯзиён, манкурт мешавад. Яъне инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқе одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад...

Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем».

Дар асарҳо, мақолаҳо, нутқ ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов, алалхусус дар китоби бисёрҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих», консепсияи нави тафаккури таърихӣ пешниҳод гардидааст. Бо туфайли ин консепсия шоҳроҳе гузошта шудааст, ки шаҳрвандонамон таърих ва фарҳанги қадимаи хешро омӯхта, сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии худро дар асоси анъанаҳои муфиди аҷдодон баланд ва ғанӣ мегардонанд.

Имрӯз ҳар як хонанда вазифадор аст, ки бо кӯмаки амалии омӯзгорон таърихи Ватанро аз нигоҳи нав омӯзад. Дар рафти омӯзиш бояд пеш аз ҳама ба омилҳои зерин: азхуд кардани таҷрибаи муфиди таърихӣ; таҳлили объективонаи мушкилиҳо, камбудиҳо ва каҷравиҳо дар гузашта, равшан донистани

вазифаҳои имрӯза ва ояндаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон диққати махсус дода шавад.

Маълум аст, ки қарни XXI дар миқёси ҷаҳон ва ҷумҳурӣ дар назди шаҳрвандон масъалаҳои ҷиддӣ мегузорад. Барои ҳалли онҳо шаҳрвандони асри навин бояд таърихи худро хуб дониста, дорои: маданияти баланди умумӣ-сиёсӣ, ахлоқи ҳамида буда, ватандӯсти ҳақиқӣ, интернатсионалист, меҳнатдӯст, мубориэи тантанаи арзишҳои умумибашарӣ бошанд.

Хонандагони мӯҳтарам бояд бидонанд, ки баъзе саҳифаҳои таърихи халқамон ҳанӯз дуруст таҳлил ва тадқиқ нашудаанд. Масалан, таърихи қарни XX халқи тоҷик гуногунранг буда, баъзе саҳифаҳои он то алҳол норавшан, баҳсталаб буда, камбудиҳои ҷиддии дар ҷомеа рухдода таҳлили чуқури худро наёфтаанд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таълим ба масъалаҳои зерин диққати махсус додан лозим аст: сабақҳои таърихии ҷазодиҳиҳои сиёсии солҳои 30-юм ва баъди ҷанг; сабабҳои солҳои тӯлонӣ дар Тоҷикистон тараққӣ накардани саноати вазнин; диққати лозимӣ надодан ба ободии мавзеҳои кӯҳистон; дар сохтмон, шаҳрсозӣ самаранок истифода нашудани архитектураи миллӣ (хусусан наққошӣ, кандакорӣ); дар соҳаи кишоварзӣ дуруст истифода нашудани захираҳои об, аз байн рафтани навъҳои самараноки маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла чорводорӣ ва ғайра.

Китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик» барои синфи 11 дар асоси барномаи таълимӣ, ки Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ кардааст, солҳои 1945–2005-умро дарбар мегирад. Китоб аз ду фасл ва даҳ боб иборат мебошад. Фасли якум хонандаро бо масъалаҳои давраи азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, проблемаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50-80-ум шинос хоҳад кард.

Фасли дуюми китоб ба давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин фасл мавзӯҳои зерин: шароити таърихӣ ва раванди ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ, сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон, гузарониданиислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мақоми фарҳанг дар тарбияи шаҳрвандон, робитаҳо бо тоҷикони берунмарзӣ ва инчунин саҳми Тоҷикистон дар инкишофи ҷаҳони имрӯза таҳлил ва ҷамъбаст шудаанд.

Дар охири ҳар боб баъзе сарчашмаҳо ва саволу супоришҳо оварда шудааст.

Барои ҳаматарафа донистани таърихи навини хеш ба хонанда инчунин тавсия карда мешавад, ки ба омӯхтани сарчашмаҳо

диққати муҳим дода, бо ҷойҳои таърихӣ, сохтмонҳои калони Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз наздик шинос шавад.

Азбаски дарси «Таърихи халқи тоҷик» бо ҳаёти имрӯзаи ҷумҳурӣ пайвастагӣ дорад, ба хонандагон тавсия карда мешавад, ки аз матбуоти даврӣ ва барномаҳои симою садо низ самаранок истифода баранд.

Ҳамин тавр, дар назди хонандагони синфи ёздаҳ вазифаҳои басо мураккаб, вале муқаддас дар роҳи омӯзиши таърихи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон истодааст. Донистани масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷумҳурӣ ба хатмкунандагони мактабҳои ҳамагонӣ имконият медиҳад, ки саҳми худро дар пешравии Ватани худ бевосита гузоранд.

Дар роҳи аз худ намудани таърихи халқи тоҷик, хонандагон объективона ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Ин душвориҳо хусусан дар вақти омӯхтани проблемаҳои ташаккули миллати тоҷик, сохтор ва давлатдорӣ, масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ, бурду бохт дар замони давлати Шӯравӣ, роҳҳоиислоҳоти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ғайра дида мешаванд. Хонандагон ба кӯмаки методӣ ва ёрии амалии омӯзгорон метавонанд душвориҳои дар роҳи омӯхтани таърихи Ватан рухдодаро ҳал намоянд.

Умедворем, ки ин китоби дарсии ба хонандагон пешниҳодшуда сифати таълимро беҳтар мегардонад.

Боварии комил дорем, ки бо мустаҳкам гардидани сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таҷрибаи таърихии хеш такя намуда, дар қарни XXI музаффариятҳои бузург ба даст меорад.

# ФАСЛИ ЯКУМ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1945–1990

## БОБИ 1.
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ АЗНАВБАРҚАРОРКУНИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ (СОЛҲОИ 1945-1950)

### 1. БА ОХИР РАСИДАНИ ҶАНГ ВА ОҒОЗИ АЗНАВБАРҚАРОРКУНИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

**Вазъияти байналхалқӣ**

Ба торумори фашизм дар вазъияти байналхалқӣ ва сиёсати берунаи мамлакатҳои ҷаҳон тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар натиҷаи мағлуб гардидани фашизм ва муборизаи синфи коргар бо сарварии ҳизбҳои коммунистӣ дар якчанд мамлакатҳои Европаи Шарқӣ ва Осиё инқилобҳои пролетарӣ ғалаба кард, сохтори сотсиалистӣ ташкил ёфт. Ба ин сохтор Иттифоқи Ҷумҳурияҳои Шӯравии сотсиалистӣ (ИҶШС), Албания, Венгрия, Булғория, Ветнам, Германияи демократӣ, Кореяи шимолӣ, Муғулистон, Полша, Югославия, Чехославакия, Руминия, Хитой, баъдтар Куба дохил гардид.

Ҷанг ба халқҳои ҷаҳон зарари моддӣ ва маънавӣ расонда, миллионҳо шаҳрвандонро нобуд гардонд, инкишофи ҷомеаи инсонӣ ба ақиб партофта шуд. Аз ин ҷанги хонумонсӯз пеш аз ҳама Иттифоқи Шӯравӣ зарари калон дид. Зиёда аз 30 миллион шаҳрвандон ҳалок гардида, мамлакат зарари калони иқтисодӣ дид.

Халқҳои ҷаҳон аз ҳукуматдорони худ талаб мекарданд, ки саркардагони ҷанг ҷазо дода шуда, минбаъд пеши роҳи ҷангҳои ҷаҳонӣ гирифта шавад. Моҳи августи соли 1945 давлатҳои бузурги ҷаҳон дар конференсияи Потсдам ҷамъ омада, фашизмро маҳкум намуда, барои ҷазо додан ба гунаҳкорони ҷанг Трибунали ҳарбӣ созмон доданд, ки он 1-уми октябри соли 1946 фаъолияташро ба охир расонд.

Қувваҳои сулҳҷӯи ҷаҳон низ созмонҳои худро таъсис доданд. Аз ҷумла, танҳо соли 1945 Созмони Милали Муттаҳид, Иттифоқҳои касаба, Федератсияи занон, ҷавонон ва дигар

ташкилотҳои оммавӣ ташкил ёфтанд, ки баҳри пойдории сулҳ дар ҷаҳон мубориза бурданд.

Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар асоси қарори конференсияи таъсискунандаи Сан-Франсиско, 26 июни соли 1945 ташкил ёфта, барои пойдор намудани сулҳ ва таъмини бехатарӣ дар рӯи замин мунтазам мубориза мебарад. Мувофиқи Оинномa СММ аз Ассамблеяи генералӣ, Шӯрои бехатарӣ, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, Шӯро оид ба васоят, Суди байналхалқӣ ва Котибот иборат аст.

Соли 2005 мардуми ҷаҳон 60-солагии ин созмони бонуфузро ҷашн гирифтанд. Дар айни замон ба ҳайати ин Ташкилоти бонуфуз қариб 200 давлат дохил буда, Котиби генералии СММ Кофи Аннан мебошад.

Дар солҳои баъдиҷангӣ чунин қувваҳои сиёсӣ-оммавӣ, ба монанди ҳаракати байналхалқии коргарӣ, коммунистӣ, аҳзоби сотсиал-демократӣ низ саҳми худро дар мустаҳкам намудани сулҳ гузоштаанд.

**Ба ҳаёти осоишта гузаштани Тоҷикистон**

Тамом шудани ҷанг ва фаро расидани ҳаёти осоишта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки ба кори бунёдкорӣ машғул шавад.

Гарчанде Тоҷикистон аз хатти фронт дур бошад ҳам, вале ҷанг хоҷагии онро хароб карда буд. Хусусан ба фронт фиристодани автомобил, асп ва дигар олотҳои техникӣ барои давом додани нақшаҳои созандагӣ монеъ мешуданд. Дар шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохтмони манзил, муассисаҳои маданӣ-маишӣ, кӯпрукҳо, каналкобӣ ва аз худ кардани заминҳои бекорхобида муввақатан қатъ гардида буданд.

Дар Тоҷикистон барқароркунии баъдиҷангӣ хусусиятҳои хоси худро дошт. Агар дар ҷумҳуриҳои ҷангдида вайронаҳоро барқарор намуда, биноҳои истиқоматӣ, корхонаҳо, роҳҳо, мактабҳо, иншоотҳои обёрӣ ва ғайраро аз нав сохтан зарур бошад, (зеро душман ҳамаи онро ба хок яксон карда буд) дар ҷумҳурии мо пеш аз ҳама он корхонаҳое, ки дар давраи ҷанг муваққатан аз кор монда буданд, онҳоро ба кор даровраада, сохтмони корхонаҳои нави саноати сабук, ГЭС-ҳо, инкишофи пахтакорӣ ва чорводорӣ зарур буд.

Бо мақсади аз нав эҳё кардани хоҷагии халқ 8-уми августи соли 1946 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон нақшаи панҷсолаи чорумро (солҳои 1946-1950) қабул намуд.Вазифаи панҷсолаи чо-

рум ба дараҷаи пешазҷангӣ расонидани хоҷагии кишоварзӣ ва саноат буд. Мувофиқи нақша маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ зиёд карда мешуд. Сохтмони корхонаҳои равғанкашӣ, стансияи электрикӣ-обӣ пешбини шуда буд. Заминҳои бекорхобида аз худ карда шуда, корҳои обёрӣ дар водиҳои Вахшу Ҳисор гузаронида шуда, кишти пахта бояд зиёд мегардид. Инчунин бояд базаи моддӣ-техникии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мустаҳкам мегардид. Дар панҷсола ба истеҳсоли маҳсулоти сермасриф диққати калон дода, ба кор даровардани комбинати Такоб, конҳои Олтин-Топкан, Чоруқдарон ва ғайра ба нақша гирифта шуд.

Мувофиқи нақшаи панҷсола бояд ба инкишофи маорифи халқ, тандурустӣ ва сохтмони манзилгоҳ диққат дода мешуд.

Дар Мурочиатномаи ташкилотҳои ҳизбӣ, шӯравӣ, комсомолӣ ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ қайд гардида буд, ки ҳар як шаҳрванд баҳри пеш аз мӯҳлат иҷро кардани панҷсола бояд саҳми арзандаи худро гузорад. Коргарон ва деҳқонон аввалин шуда, мурочиатномаро дастгирӣ намуда, баҳри иҷроиши панҷсола камар бастанд.

Мардон, занон ва ҷавонони ҷумҳурӣ ӯҳдадориҳои инфиродӣ гирифта, дар заводу фабрика ва саҳроҳои колхозӣ намунаи меҳнат нишон медоданд. Сарфи назар аз душвориҳои баъдиҷангӣ кормандони корхонаҳо дар бораи пеш аз мӯҳлат иҷро кардани нақшаҳои истеҳсолӣ хабар медоданд.

Дар давраи азнавбарқароркунӣ дар соҳаи саноат низ душвориҳои объективӣ ва субъективӣ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, кадрҳои баландихтисос намерасиданд, муассисаҳои саноатӣ ба ашёи хом ва қисмҳои эҳтиётӣ мӯҳтоҷӣ кашида, ҳавасмандии моддӣ дар сатҳи паст меистод.

Дар асоси қарори КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва СКХ Ҷумҳурӣ аз 10 июли соли 1945 дар мамлакат комиссияҳои махсус барои дар истеҳсолот истифода бурдани иштирокчиёни ҷанг таъсис дода шуд. Танҳо дар вилояти Ленинобод соли 1947 комиссияҳо 10818 нафар собиқ ҷанговаронро ба истеҳсолот ҷалб намуданд. Вале таъмини муассисаҳои саноатӣ бо кадрҳо бо ин роҳ ҳал нагардид, бинобар ин Пленуми КМ ҲК (б) Тоҷикистон моҳи августи соли 1947 масъалаи «Дар бораи фаъолияти муассисаҳои саноатии ҷумҳурӣ»-ро муҳокима намуда, тавсия кард, ки ҷавонон ба мактабҳои ФЗО ва ФЗУ ҷалб карда шаванд. Аз соли 1946 то 1950 ин мактабҳо барои саноат, сохтмон ва нақлиёти ҷумҳурӣ 8,7 ҳазор мутахассисони ҷавонро тайёр намуданд.

**Тадбирҳо оид ба пешрафти хоҷагии халқ**

Сарфи назар аз мушкилиҳо саноати ҷумҳурӣ бо техникаи нав ва технологияи пешқадам таҷҳизонида мешуд. Ба баланд бардоштани савияи маданӣ-техникии коргарон диққати махсус дода мешуд. Дар назди муассисаҳои саноатӣ курсҳо барои супоридани минимумҳои техникӣ, мактабҳои таҷрибаи пешқадам, аз худ кардани ихтисоси дуюм ва ғайра амал мекарданд. Танҳо дар соҳаи саноати бофандагӣ соли 1947 3149 коргарон ба шаклҳои гуногуни хониш фаро гирифта шуданд.

Дар байни синфи коргари ҷумҳурӣ мусобиқаи ватандӯстона барои пеш аз мӯҳлат иҷро намудани панҷсолаи азнавбарқароркунӣ авҷ гирифт. Дар натиҷа нақшаи панҷсола дар 4 солу 3 моҳ иҷро гардид. Муассисаҳои нави саноатӣ: заводи механикӣ ва таъмири моторҳо (с. 1946), фабрикаҳои дӯзандагӣ, трикотажбарорӣ дар Душанбе, заводи механикӣ дар Конибодом, комбинати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар Вахш (с. 1946), заводҳои хиштбарорӣ дар Қӯрғонтеппа ва Ҳисор (с. 1948), заводи шишабарорӣ дар Ленинобод (с. 1949), ГЭС-и Варзоби Поён (с. 1949) ва ғайра ба кор шурӯъ намуданд. Хамагӣ дар панҷсола 14 корхонаи нави саноатӣ ба кор даромад. Синфи коргар аз ҷиҳати миқдор афзуда, босифат гардид. Шумораи он ба 178 ҳазор нафар расид, ки нисбати давраи тоҷангӣ 19 фоиз афзуда буд. Вале дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доштанд. Чунончӣ, баъзе корхонаҳо нақшаро аз рӯи навъҳои истеҳсоли маҳсулот иҷро накарданд, сифати маҳсулот беҳбудиро мехост ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ низ талаботро қонеъ намегардонид.

Ҷанг ба хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ низ таъсири худро расонда буд, зеро деҳқонони зиёд ва техникаи хоҷагии қишлоқ ба ҷанг сафарбар карда шуда буданд. Аз нарасидани қувваи корӣ ва техника чандин сол як қисми заминҳо шудгор ва каналу ҷӯйборҳо аз гил тоза нашуда буданд. Ба ҷои пахта ғалла мекоштанд. Дар солҳои ҷанг истеҳсоли пахта 2,6 баробар кам шуд. Хоҷагиҳои пахтакор ва чорводор зарари калон дида буданд. Саршумори чорво хело кам шуда буд.

Барои барқарор кардани хоҷагии қишлоқ Ҳукумати Иттифоқ ва Ҷумҳурӣ чандин ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла Шӯрои Вазирони ИҶШС моҳи марти соли 1949 қарорро «Оиди чорабиниҳо доир ба тараққиёти минбаъдаи пахтакорӣ дар Тоҷикистон барои

солҳои 1949-1952», ва «Дар бораи муттаҳидкунии колхозҳои хурд» (маи соли 1950) қабул намуд.

Масъалаҳои инкишофи хоҷагии қишлоқ дар Пленумҳои февралии соли 1947, мартии соли 1949 ва Анҷумани VI ҲК Тоҷикистон муҳокима гардиданд.

Ҳукумати Тоҷикистон барқароркуниро аз муроҷиат ба ҳамаи меҳнаткашони деҳот (апрели с. 1946) сар кард. Дар он гуфта мешуд, ки вусъат додани пахтакорӣ на танҳо кори пуршараф аст, балки воситаи асосии беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Муроҷиатнома аз тарафи меҳнаткашони деҳот дастгирӣ карда шуд. Дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи деҳқонон соли 1946 дар ҷумҳурӣ 136 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд.

Барои аз ҷиҳати ташкилӣ ва хоҷагӣ мустаҳкам намудани колхозҳо Ҳукумати Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои кӯҳистонро ба водии Вахш кӯчонид. Соли 1945 ба водии Вахш танҳо аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ 1,5 ҳазор хоҷагӣ ва аз ноҳияҳои гуногуни ИҶШС зиёда аз 4 ҳазор хоҷагӣ кӯчонида шуданд. Умуман, дар солҳои 1946-1950 ба ноҳияҳои пахтакори водии Вахш зиёда аз 18 ҳазор хоҷагӣ кӯчонида шуданд.

Дар Ҷумҳурӣ ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси хоҷагии кишоварзӣ диққати махсус дода мешуд. Бо ин мақсад курсҳои кӯтоҳмуддат ва мактабу техникумҳо кушода шуданд. Аз ҷумла, дар Душанбе соли 1947 мактаби дусолаи ҷумҳуриявӣ барои тайёр кардани раисони колхозҳо ташкил дода шуд. Курсҳои кӯтоҳмуддатро ҳазорҳо ҳисобчиёну агрономҳо, мудирони участкаҳо ва зоотехникҳо хатм карданд. Соли 1950 дар ҷумҳурӣ 2,8 ҳазор механизатор, аз ҷумла, 1,9 ҳазор тракторчӣ тайёр карда шуд, ки дар баланд бардоштани дараҷаи маданияти истеҳсоли зироаткорӣ ва чорводорӣ саҳми худро гузоштанд.

Ҷумҳуриҳои бародар низ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ёрии амалии худро расонданд.

Хоҷагии кишлоқи Тоҷикистон сол аз сол бо техникаи нав таъмин мегардид. Соли 1950 дар ҷумҳурӣ 6 МТС нав ташкил дода шуда, 3704 трактор ба деҳотиён хизмат мекарданд. Дар МТС-ҳо вазифаи ҷонишини директор оид ба кори сиёсӣ (с. 1947) ҷорӣ карда шуд, ки дар тарбияи меҳнаткашони деҳот саҳми босазо мегузошт. Вале дар фаъолияти колхозҳо ва махсусан дар кори роҳбарии онҳо камбудиҳои ҷиддӣ содир мешуданд. Аз ҷумла, устави артели хоҷагии қишлоқ вайрон карда шуда, рӯзи меҳнат нодуруст тақсим карда мешуд, заминҳои давлатӣ, моликияти

колхозиро медуздиданд. Дар баъзе ноҳияҳо роҳбарони колхозҳо вазифаро сӯйистеъмол карда, ба вайронкорию каҷравиҳо роҳ медоданд. Ин камбудиҳо дар қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС ва КМ ВКП (б) аз 19-уми сентябри соли 1946 «Тадбирҳо оиди барҳам додани вайронкунии устави артели хоҷагии қишлоқ» махсус қайд гардид, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ бояд ин камбудиҳоро ошкор намуда, онҳоро барҳам диҳанд. Дар натиҷаи барҳам додани камбудиҳо истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ сол аз сол меафзуд. Чунончӣ, соли 1947 дар ҷумҳурӣ 162 ҳ.т., соли 1948 – 202,5 ҳ.т. ва соли 1950 – 288 ҳ.т. пахта ҷамъоварӣ карда шуд.

Соҳаҳои дигари кишоварзӣ низ инкишоф ёфтанд. Аз ҷумла, истеҳсоли картошка, зағир зиёд шуда, боғу ангурпарварӣ, пиллапарварӣ натиҷаи хуб доданд. Меҳнати кормандони деҳотро ба назар гирифта, соли 1948 – 139 нафар пешқадамони истеҳсолот сазовори унвони олӣ – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ гардиданд. Дар байни онҳо А. Қосимов, П. Оқилов, Р. Расулов, С. Ӯрунхӯҷаев ва дигарон буданд.

Дар ба даст даровардани ҳосили баланди пахта занони ҷумҳурӣ низ саҳми арзанда гузоштаанд. 41 нафар колхозчизанон сазовори унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ гардида, қариб 1500 колхозчизанон бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуданд. Дар байни онҳо Ҳалима Ширинова, Ҷаҳон Эргашева, Ҷонон Урунова ва дигарон буданд.

Чорводорӣ ва ғаллакорӣ талаботро қонеъ намекунонид, дар ин соҳаҳо тадбирҳои мушаххас андешидан лозим буд. Соли 1950 чорвои калони шохдор 96,2 фоизи давраи пешазҷангиро ташкил медод. Барои инкишофи чорводорӣ дар минтақаҳои пахтакорӣ колхозу совхозҳо аз андози гӯшт, пашм ва пӯст озод карда мешуданд. Ҳукумат барои ин соҳа маблағи зиёд ҷудо кард. Танҳо барои сохтани биноҳо барои чорво 34,5 млн., сӯм ҷудо карда шуд. Дар натиҷа дар Бадахшони Кӯҳӣ чорвои калони шохдор 3,5 маротиба, саршумори гӯсфанд -11, буз - 14 маротиба афзуд.

Дар натиҷаи зиёд гаштани маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 500 колхозҳо миллионер гаштанд, вазъи моддӣ ва маданни меҳнаткашони деҳот сол аз сол хуб мегардид. Тоҷикистон танҳо аз пахта соли 1950 - 1.260.400 ҳазор сӯм даромад гирифт, ҳар як рӯзи меҳнати кишоварз аз 20 то 30 сӯм гардид.

Анҷумани кормандони хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ, ки моҳи феврали соли 1948 дар Душанбе баргузор гардид, оид ба инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ қарорҳои мушаххас

қабул кард. Баҳри инкишофи кишоварзӣ тадбирҳои судманд: аз ҷумла, муттаҳид кардани хоҷагиҳои майдаи колхозӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии хоҷагиҳои коллективӣ, тайёр кардани кадрҳо барои деҳот, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд кардани деҳқононро андешидан зарур буд.

Соли 1950 муттаҳидшавии колхозҳои майда ба амал омад. Агар соли 1949 дар ҷумҳурӣ 2685 колхоз бошад, соли 1950 миқдори онҳо ба 1314 расид. Базаи моддӣ-техникии онҳо мустаҳкам гардид. Аз ҷумла, як қисми хоҷагиҳои коллективӣ бо қувваи барқ таъмин шуданд. Солҳои 1946-1950 дар ҷумҳурӣ 75 нерӯгоҳҳои барқии колхозӣ ба кор даромад. Бо барқ таъмин шудани деҳот ба болоравии ҳаёти маданӣ-маишии аҳолӣ ва умуман баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ мусоидат намуд.

## 2. ДАР ШАРОИТИ НАВИ ОСОИШТА АФЗУДАНИ МАҚОМИ ФАРҲАНГ

Дар ҳар давру замон фарҳанг ба мардум илҳом бахшида, ҳисси ватандӯстии шаҳрвандонро баланд мегардонд. Пас аз ба охир расидани ҷанг фарҳанг вазифаи худро дар шароити нави осоишта муайян мекард. Оиди ин масъала КМ ҲКИШ якчанд қарорҳои махсус «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград» (14 августа соли 1946), «Дар бораи репертуарҳои театрҳои драммавӣ ва чораҳои беҳтар кардани он» (26 августи соли 1946) ва ғайра қабул кард, ки онҳо самтҳои асосии кори фарҳангӣ ва ғоявиро муайян менамуданд. Мутаассифона, дар фаъолияти идораҳои маданӣ-маърифатӣ баъзан хусусиятҳои хоси миллӣ ба ҳисоб гирифта намешуданд.

**Маорифи халқ, илм, адабиёт, санъат ва муассисаҳои фарҳангӣ**

Солҳои баъдиҷангӣ дар кори маориф ба ҷабҳаҳои зерин: барқарор намудани теъдоди мактабиён, ки солҳои ҷанг хело кам шуда буданд, эҳёи нашри барнома ва китобҳои дарсӣ, дар ноҳия ва шаҳрҳо ташкил додани мактаб-интернатҳо, аз таълими хатмии миёнаи нопурра ба таълими ҳатмии миёнаи пурра гузаштан ва ғайра диққат дода мешуд.

Моҳи августи соли 1946 пленуми XIX КМ ПК (б) Тоҷикистон масъалаи «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани кори маорифи халқ»-ро муҳокима намуда, роҳҳои барқарор ва ин-

кишофи таҳсилоти умумиро муайян кард. Дар ҷумҳурӣ хусусан ба мустаҳкам намудани базаи моддии мактабҳо диққати калон дода шуд. Танҳо солҳои 1949-1950-ум 602 бинои нави мактаб ба кор даромада, миқдори умумии он ба 3 ҳазор расид, шумораи талабагон бештар аз 300 ҳазорро ташкил медоданд.

Омӯзгорони лаёқатманд дар Донишкадаи дорулмуаллимини Самарқанд тайёр карда мешуданд. Соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ташкил ёфт, ки он саҳми худро дар инкишофи маориф то ҳол бомуваффақият гузошта истодааст.

Ба мушкилиҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, баъди ба охир расидани ҷанг ба инкишофи илм, адабиёт ва санъат диққати махсус дода шуд. Олимони ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ ва кӯмаки амалии олимони Иттифоқи Шӯравӣ саҳми худро дар инкишофи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ ва гуманитарию ҷомеашиносӣ гузоштанд. Солҳои баъди ҷанг ходимони илми тоҷик бо ҳамкории олимони рус С. Айнӣ, М.С. Андреев, Е.Э. Бертельс, Б.Г. Ғафуров, А.М. Баҳоваддинов, А.А. Семёнов, В.П. Красичков, А. Мирзоев, З.Ш. Раҷабов, С.Ф. Ольденбург, Е.Н. Павловский, А.Ю. Якубовский ва дигарон дар мавзӯҳои муҳим як силсила тадқиқотҳои худро ба итмом расонданд.



***Аввалин ректори Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, академик З.Ш. Раҷабов***

Шоир ва нависандагони тоҷик эҷодиёти худро ба ҷалб намудани шаҳрвандон ба корҳои азнавбарқароркунӣ, мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо, тарбияи насли наврас ва ба ҳаёту фаъолияти зани тоҷик бахшида буданд. Дар ин солҳо асарҳои С. Айнӣ «Ёддоштҳо», А. Лоҳутӣ «Парии бахт», М.Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», Ҷ. Икромӣ «Шодӣ», М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ» ва китобҳои зиёди бадеӣ аз чоп бароманданд.

Дар даҳаи адабиёти шӯравии тоҷик, ки соли 1949 дар Москва барпо гардида буд, ба эҷодиёти шоир ва нависандаи тоҷик баҳои хело баланд дода шуд.

Санъаткорони ҷумҳурӣ низ кори пурсамари эҷодӣ намуда, табъи мардумро шод гардонида, сатҳи эстетикии шаҳрвандонамонро хело баланд бардоштанд. Театри опера ва балет соли 1947 балети С. Баласанян «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба саҳна

гузошт, ки муаллиф ва иҷрокунандагони ролҳои асосӣ Ғ. Валаматзода, Л. Зоҳидова, М. Қобилов ва дигарон ба Мукофоти давлатии ИҶШС мушарраф гардиданд.

9 октябри соли 1946 КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар бораи «Тадбирҳо оиди минбаъд инкишоф ёфтани санъати театрӣ ва мусиқии Тоҷикистон» қарор қабул намуд, ки дар он чунин омадааст «дар як қатор пьесаҳои дар театрҳо намоиш дода мешудагӣ, ки ҳеҷ гуна аҳамияти таърихӣ ва тарбиявӣ надоранд, зиндагии шоҳон, хонҳо ва аъёну ашроф идеализатсия карда мешавад».

Гарчанде имконияти маблағгузорӣ барои ривоҷи муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ маҳдуд бошад ҳам, баъди ҷанг дар ин соҳа кор дар ду чабҳа бурда мешуд. Аввалан, клубҳо, кинотеатрҳо, китобхонаҳо ва боғҳои истироҳатие, ки солҳои ҷанг аз кор монда буданд, таъмир ва ба кор омода карда шуданд. Дуввум, аз ҳисоби маблағҳои давлат, иттифоқҳои касаба ва бо қувваи худи колхозу совхозҳо биноҳои нави маданӣ-маърифатӣ сохта мешуданд.

Дар охири соли 1950 дар ҷумҳурӣ 971 хонаи маданият ва клуб, 1337 чойхона-қироатхона ва 4 музеи таърихӣ-кишваршиносӣ амал мекарданд. Танҳо бо маблағи колхозчиён 465 клуб ва 366 чойхона-қироатхона сохта шуданд. Муассисаҳои маърифатӣ дар баланд бардоштани маданияти умумии шаҳрвандон хизмати босазо кардаанд.

Дар кори тарбиявии шаҳрвандон ва баланд гардидани сатҳи сиёсии онҳо матбуот ва дигар воситаҳои таблиғот мақоми махсус доштанд. Соли 1945 нашри рӯзномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон», «Сталинская молодёжь», «Пионери Тоҷикистон» аз нав барқарор карда шуд. Инчунин фаъолияти маҷалла, рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, ноҳиявӣ барқарор гашта, инкишоф ёфтанд.

Кори ғоявӣ-сиёсии байни меҳнаткашон ба воситаи маорифи сиёсӣ ва Ҷамъияти «Дониш» пурқувват гардид. Дар коллективҳои меҳнатӣ лекторон ва агитаторон мунтазам аз рӯи мавзӯҳои актуалӣ баромад намуда, саҳми худро дар таблиғу ташвиқоти вазъияти дохилии мамлакат ва ҳаёти байналхалқӣ мегузоштанд.

**Дараҷаи некӯаҳволии халқ**

Пас аз ба охир расидани ҷанг давлати Шӯравӣ барои беҳтар намудани некӯаҳволии халқ якчанд тадбирҳо андешид. Пеш аз ҳама,

коргарон ба рӯзи кори 8-соата, ҳафтаи кории 6 рӯза гузашта, рухсатии меҳнатӣ барқарор карда шуд.

Дар солҳои 1946-1950 нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва пӯшока се маротиба арзон гардид. Музди меҳнати коргарон афзуда, некӯаҳволии меҳнаткашони деҳот беҳтар шуд. Давлат барои маъракаҳои иҷтимоӣ-маданӣ зиёда аз 3 млн. сӯм ҷудо кард. Нафақа ва кӯмаки моддии инвалидон (маъюбон)-и ҷанг соли 1950 қариб 70 млн. сӯмро ташкил дода буд.

Соли 1947 Ҳокимияти Шӯравӣ дар бораи бекор намудани тартиби карточкагӣ (варақа) ба молҳои саноатӣ, хӯрокворӣ ва гузаронидани ислоҳоти пулӣ қарорҳо қабул кард.

Дар солҳои баъдиҷангӣ шумораи муассисаҳои табобатӣ ва шифохонаҳо (санатория) зиёд шуданд. Инчунин шумораи кӯдакистонҳо, боғчаҳои бачагон, истироҳатгоҳҳои пионерӣ зиёд гардиданд. Танҳо соли 1950 дар лагерҳои пионерӣ ва истироҳатгоҳҳо зиёда аз 11 ҳазор бачагон истироҳат карданд.

Ба тарбияи ҷисмонии ҷавонон низ диққат дода мешуд. Дар Тоҷикистон 63 ҳазор варзишгарон ва зиёда аз ҳазор коллективҳои спортӣ, аз ҷумла 279 дар колхозҳо буданд.

Ба сохтмон ва обод гардонидани шаҳру деҳот низ диққати махсус дода мешуд. Солҳои 1946–1950 дар Тоҷикистон 418,3 м. кв. манзилгоҳҳо сохта шуданд. Колхозчиён низ манзилҳои хуб месохтанд. Вале сохтмон ҳанӯз қафо мемонд, талаботи шаҳрвандон бо манзил қонеъ намегардид. Обод гардонидани қишлоқҳо, шинонидани дарахтҳо симои деҳотро дигаргун мекард.

Радио, телефон, чароғи барқӣ дар ҳаёти деҳот бештар роҳ меёфт. Барои ободу зебо гардонидани шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Кӯлоб ва ғайра диққати махсус дода мешуд.

Ҳамин тавр, зери роҳбарии ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ халқи тоҷик тавонист вазифаи муқаддаси худро дар азнавбарқарор намудани ҳаёти хоҷагӣ ва фарҳангӣ пеш аз мӯҳлат иҷро намояд.

Гарчанде ҷанг ба маънавиёт ва ҳаёти иқтисодию-иҷтимоӣ зарари калон расонда бошад ҳам, шаҳрвандони ҷумҳурӣ мушкилӣ ва камбудиҳои ҷангро паси сар карда, бо рӯҳияи баланди ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ зиндагонӣ намуда, садоқатмандона барои пешравии ҷомеа меҳнат мекарданд.

## 3. ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСӢ

**Азнавсозии ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ дар ҷумҳурӣ**

Азбаски дар солҳои ҷанг демократияи сотсиалистӣ маҳдуд шуда буд, бинобар ин зарурати такмил ва инкишофи ин масъала ба миён омад. Вазъият талаб мекард ки пеш аз ҳама дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ: шӯроҳо, ҳизб, иттифоқҳои касаба, комсомол, занон шакл ва усулҳои навини кор, ки ба замони осоишта мувофиқат кунад, истифода бурда шавад.

Дар шароити ҷанг демократияи дохилидавлатӣ маҳдуд гардида, фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ марказонида шуда буд. Вазъият талаб мекард, ки дар ин қисмат тағйиротро ба амал оварда, роҳбарӣ ва афкори коллективӣ барқарор карда шавад. Дар фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ тарзи идоракунии маъмуриятчигӣ ҷой дошта, дар баъзе мавридҳо ташкилотҳои ҳизбӣ вазифаҳои ташкилотҳои шӯравӣ ва хоҷагиро иваз мекарданд. Бинобар ин, бояд ҳарчи зудтар сохтори роҳбарӣ ва тарзи демократиконии ҷомеа ба қолаб медаромад. Бо ин мақсад кор аз такмил ва инкишофи фаъолияти Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ва Шӯроҳои маҳаллӣ оғоз ёфт. Пеш аз ҳама ҳайати Шӯроҳо аз ҳисоби ҷанговарони аз фронт баргашта пурқувват гардида, ба демократикунонии ҳаёти онҳо диққат дода шуд. Бо ин мақсад моҳи феврали соли 1947 интихобот ба Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва январи соли 1948 ба Шӯроҳои маҳаллии депутатҳои меҳнаткашон гузаронида шуд. Дар натиҷа Шӯроҳо аз ҷиҳати ташкилӣ мустаҳкам шуда, иштироки омма дар ҳалли масъалаҳои хоҷагӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ афзуд.

Шумораи вакилони халқ дар Шӯроҳо сол аз сол зиёд мегардиданд. Дар аввали солҳои 50-ум дар Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон - 291 нафар, дар қишлоқ ва шаҳрчаҳо -8908 депутат интихоб шуда, фаъолияти самаранок нишон медоданд.

**Ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ**

Ҳизбиён, ки солҳои ҷанг дар сафи пеш истода, бар зидди фашистон мубориза мебурданд, обрӯ ва эътибори онҳо боз ҳам баланд гардид. Аз ҷанг 16235 аъзоён ва номзадҳои ҳизб баргашта, ташкилотҳои ҳизбиро пурқувват намуданд. Соли 1948 ҳизби коммунистии Тоҷикистон аз 2323 ташкилоти ибтидоӣ иборат буда, дар ҳайати худ 31786 номзад ва аъзоёни ҳизбро

муттаҳид мекард. Солҳои баъдиҷангӣ бо сарварии ташкилотҳои ҳизбӣ корҳои азнавбарқароркунӣ, тарбиявию фарҳангӣ сурат гирифт.

Дар солҳои баъдиҷангии азнавбарқароркунии хоҷагии халқ фаъолияти ташкилотчигӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва тарбиявии Бобоҷон Ғафуровро ба назар гирифта Пленуми ҳаждаҳуми КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон (3-5 июни соли 1946) ӯро котиби якуми ҳизби Коммунистии ҷумҳурӣ интихоб намуд (солҳои 1946-1956).

Фаъолияти ҳизбӣ ва давлатии Б.Ғ. Ғафуров гуногунчабҳа буда, чун сарвари хирадманд тавонист бахри зудтар азнавбарқароркунии хоҷагии халқ корҳои зеринро ба сомон расонад: ба корҳои ҳизбӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб намудани беҳтарин кадрҳо; амалан баланд бардоштани мақоми фарҳанг; бо сарварони ҳукумати иттифоқӣ муносибатро хуб намуда ба ҷумҳурӣ ворид намудани маблағ, техника ва технологияи нави истеҳсолӣ; кӯчонидани ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба водӣ ва аз худ кардани заминҳои бекорхобида ва бо ҳамин роҳ бештар истеҳсол намудани маводи ғизоӣ, хусусан пахта.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки фаъолияти Бобоҷон Ғафуров оид ба даъват намудани беҳтарин мутахассисон, олимон аз ҷумҳуриҳои бародарӣ: А.А. Семёнов, М.С. Андреев, И.С. Брагинский, Е.Н. Павловский, А.Ю. Якубовский, садҳо муҳандисон, техникҳо, духтурон ба пешравии ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон таъсири калони мусбӣ расонд.

Моҳи декабри соли 1948 Анҷумани VII Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон баргузор гашт, ки дар он бо маърӯзаи ҳисоботӣ котиби якуми Комитети Марказӣ Б.Ғ. Ғафуров баромад кард. Анҷуман вазифаҳои навбатии ҳизб, шаклу усулҳои роҳбариро ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шароити осоишта муайян намуд. Вале то Анҷумани XX ҲК дар роҳбарии ҳизб ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба маъмуриятчигӣ роҳ дода шуда, демократияи ҷомеаи сотсиалистӣ коста мегардид.

Дар солҳои баъдиҷангӣ ҳуқуқи Иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ васеъ гардида, барои зудтар барқарор намудани хоҷагии халқ дар байни коргарон мусобиқаи сотсиалистиро ривоҷ доданд. Онҳо ба корҳои иҷтимоӣ, маданӣ ва маишӣ бевосита машғул гашта, ҳимоякунандаи ҳуқуқи меҳнаткашон буданд. Моҳи сентябри соли 1948 Шӯрои Иттифоқҳои касабаи ҶШС Тоҷикистон ташкил ёфт, ки 108 ҳазор аъзоро дарбар мегирифт.

Мавқеи Иттифоқҳои касаба хусусан дар гузаронидани корҳои иҷтимоӣ-маърифатӣ афзуд. Дар тӯли солҳои 1947-1950 маблағгузорӣ ба корхои маданӣ-равшаннамоӣ ва иҷтимоӣ то 20 фоиз зиёд шуд.

Дар Тоҷикистон солҳои баъдиҷангӣ ҷавонон аксарияти аҳолиро ташкил медоданд. Пешравии ҷомеа ба ташкили дурусти кор бо ҷавонон алоқа дошт. Бинобар он, Анҷуманҳои VII (с. 1946), VIII (с. 1949), IX (с. 1950) комсомоли Тоҷикистон вазифаҳои ҷавононро дар кори тарбиявӣ ва истеҳсолӣ муайян намуданд. Дар панҷсолаҳои баъдиҷангӣ комсомоли ҷумҳурӣ дар баркарору инкишофи минбаъдаи хоҷагии халк фаъолона иштирок намуда, дар сохтмони корхонаҳо, колхозу совхозҳои нав, аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва бунёди шаҳру посёлкаҳои замонавӣ саҳм гузошт. Дар соли 1948 бештар аз 4 ҳазор нафар комсомолон ва коргарони ҷавони корхонаҳои ҷумҳурӣ накшаи истеҳсолии солонаро пеш аз мӯҳлат иҷро карданд. Бештар аз 200 нафар комсомолон ба ҳисоби соли 1951 маҳсулот мебароварданд. Навоварӣ ва ихтироъкорӣ дар байни ҷавонон вусъат ёфт.

Занони Тоҷикистон низ дар солҳои баъдиҷангӣ дар барқароркунии хоҷагии халқ саҳми худро гузоштанд. Онҳо мисли солҳои ҷанг дар саноат ва хусусан, дар саҳроҳои колхозӣ қувваи асосиро ташкил медоданд. Фаъолияти ҷамъиятӣ ва меҳнатии занон ба пешравии ҷомеа таъсири калон мерасонид. Бинобар ин, дар назди ташкилотҳои ҳизбӣ шӯъбаҳои занон таъсис дода шуд, ки онҳо бевосита ба ҳаракати занон роҳбарӣ мекарданд. Инчунин дар назди КМ ЛКСМ Тоҷикистон ва комитетҳои комсомолӣ комиссияҳои махсус таъсис дода шуданд, ки онҳо дар байни духтарон кори пурсамари тарбиявӣ мебурданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи пурзӯр гардидани кори тарбиявӣ мавқеи ҷамъиятии занон дар солҳои баъдиҷангӣ афзуд. Чунончӣ, 9 нафар занони ҷумҳурӣ дар ҳайати Шӯрои Олии ИҶШС, 86 нафар дар ҳайати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, 700 нафари онҳо дар ҳайати Шӯроҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва 2870 кас дар ҳайати Шӯроҳои деҳот фаъолият мекарданд.

Ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маданияти умумии шаҳрвандон воситаҳои ахбор ва дигар васоили таблиғотиро самарабахш истифода мекарданд. Соли 1948 Ҷамъияти «Дониш»-и ҶШС Тоҷикистон ташкил ёфт, ки он дар якҷоягӣ бо дигар ташкилотҳои сиёсӣ ва оммавӣ дар байни шаҳрвандон таблиғи донишҳои илмӣ-техникӣ ва сиёсиро пурсамар гардонид.

## САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

### НАҚШАИ ПАНҶСОЛАИ АЗНАВБАРҚАРОРКУНӢ ВА ТАРАҚҚӢ ДОДАНИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1946-1950)

Вазифаи асосии хоҷагӣ – сиёсии панҷсола иборат аз он буд, ки дар кӯтоҳтарин муддат ноҳияҳои аз ҷанг зарардида аз нав барқарор карда шаванд, истеҳсоли саноат ва хоҷагии қишлоқ ба дараҷаи пеш аз ҷанг расонда шуда, сонӣ ба андозаи зиёд аз он дараҷа пеш гузашта шавад.

Нақшаи панҷсола аз нав барқарор кардан ва тараққӣ додани хоҷагии халқи Тоҷикистон, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ 8 августи соли 1946 қабул кард, қисми таркибии нақшаи панҷсолаи давлатии ИҶШС буд. Ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ ба хоҷагии халқи РСС Тоҷикистон дар зарфи панҷсола ба маблағи 1,2 миллиард сӯм муайян карда шуд. Дар нақшаи панҷсолаи ҷумҳурӣ масъалаҳои аз нав барқарор кардан ва тараққӣ додани пахтакорӣ мавқеи намоёнро ишғол мекард. Плани панҷсола дар соҳаи ривоҷ додани чорводорӣ, боғдорӣ ва истеҳсоли зироатҳои обчакорӣ вазифаҳои муҳимро ба миён гузошт. Ба дараҷаи зиёд механиконидани хоҷагии кишоварзӣ пешбинӣ карда мешуд.

***Тоҷикистони сурх – 8–10 августи соли 1946.***

### *САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:*

*Баъд аз ҷанг дар вазъияти байналхалқӣ чӣ гуна тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд?*

*Дар солҳои баъдиҷангӣ шаҳрвандони ҷумҳуриямон бо чӣ гуна ташаббусҳои наҷиби ватандӯстона баромад кардаанд?*

*Солҳои азнавбарқароркунӣ дар Тоҷикистон кадом корхонаҳои нав ба кор даромаданд?*

*Кай дар мамлакат тартиби карточкагӣ (варақа) ба молҳои саноатӣ, хӯрокворӣ бекор ва ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд?*

*Дар Тоҷикистон кадом ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ амал мекарданд?*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои азнавбарқароркунии хоҷагии халқ.

–Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар тарбияи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Фарҳанги халқи тоҷик ва мақоми он дар солҳои азнавбарқароркунии хоҷагии халқ.

–Таъсисёбии ташкилотҳои байналхалқии демократии оммавӣ дар солҳои беъдиҷангӣ.

–Ташаккул ёфтани сохтори ҷаҳонии сотсиалистӣ.

–Академик Б.Ғ. Ғафуров – арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

# БОБИ 2.
# ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ (солҳои 50-80-ум)

## 1. ВАЗЪИЯТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА САҲМИ ИҶШС ДАР МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ СУЛҲ ДАР ҶАҲОН

**Вазъияти байналхалқӣ**

Дар солҳои 50-80-ум вазъияти байналхалқӣ мураккаб буд. Дар байни ду сохтори ҷаҳонӣ, аз як тараф сохтори сотсиалистӣ ва аз тарафи дигар капиталистӣ, мухолифат шиддат мегирифт.

Халқҳои ҷаҳон, ки оқибатҳои ҷанги дуюми ҷаҳонро хуб медонистанд, такрор шудани онро нахоста, фаъолияти худро барои пешгирӣ кардани он равона мекарданд. Дар сафи пеши зидди ҷанги нави ҷаҳонӣ мамлакатҳои сотсиалистӣ, ҳаракати байналхалқии коммунистӣ-коргарӣ, мамлакатҳои бетараф, ки ба аҳдномаҳои ҳарбӣ дохил намешуданд, меистоданд. Ин амалиётро инчунин ташкилотҳои оммавии байналхалқӣ, Федератсияи занон, ҷавонон, Иттифоқҳои касаба ва ғайра дастгирӣ мекарданд. Дар ин солҳо мавқеъ ва обрӯи Созмони Милали Муттаҳид боз ҳам афзуд. Он дар ин солҳо барои нигоҳ доштани сулҳ ва роҳ надодани ҷанги нави ҷаҳонӣ чораҳои мушаххас меандешид. Дар ин бора тадбирҳои зерини СММ шаҳодат медиҳанд: Изҳорот (с. 1960) дар бораи ба ҳамаи мустамликаҳо, халқҳо додани ҳуқуқи истиқлолияти миллӣ, қарори сессияи XVI Ассамблеяи Генералии СММ (с. 1961) оиди минтақаи бесроқи ядроӣ эълон шудани қитъаи Африка ва қабули Изҳорот дар хусуси манъи истифодаи яроқи ядроӣ ва термоядроӣ, қабули аҳднома (с. 1969) оиди манъи ҷойгиркунии яроқи ядроӣ ва дигар намудҳои яроқҳои қатли ом дар зери баҳру укёнус ва ғайра.

Созмони ягонагии Африка, ки соли 1963 бо кӯшиши 32 давлати қитъаи Африка ташкил гардида буд, саҳми арзандаи худро низ дар пойдории сулҳ дар ҷаҳон гузошт.

Бар хилофи блоки ҳарбии атлантикаи Шимолӣ (НАТО) моҳи майи соли 1955 Шартномаи Варшава ташкил ёфт. Чунин мувозинат пеши роҳи ҷанги наврo боздошт.

Мувофиқи Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви ҷудонашавандаи ИҶШС, сиёсати байналхалқии мамлакатро дастгирӣ мекард. **ИҶШС** ба сиёсати ҳамзистии осоиштаи мамлакатҳои сохти сиёсиашон гуногун такя намуда, бо ташаббусҳои

начиб баромад менамуд. Аз он чумла, мохи марти соли 1958 Шӯрои Олии ИЧШС қарорро оид ба манъи озмоиши яроқхои атомӣ ва водородӣ қабул намуд; соли 1960 қувваҳои мусаллаҳи ИЧШС кам карда шуданд; Иттифоқи Шӯравӣ муносибатҳои байналхалқиро инкишоф дода, бо бисёр давлатҳо аҳднома имзо кард. Инчунин бо сарварии ИМА Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ва блокҳои дигари таҷовузкор ташкил дода шуданд. Дар тӯли 30-соли баъдиҷангӣ муносибати байни давлатҳои сотсиалистӣ бо сарварии ИЧШС ва капиталистӣ бо сардории ИМА боиси «ҷанги сард» гардид.

Дар солҳои 50-60-ум вобаста ба воқеаҳои Венгрия (с. 1956), Куба (с. 1962), Чехословакия (с. 1968) дар вазъияти байналхалқӣ хавфи «ҷанги оташфишон» ба амал омад.

ИЧШС инчунин мамлакатҳои аз низоми мустамликавӣ озодшударо пуштбонӣ карда, саҳми худро дар хомӯш намудани ҷангҳои маҳаллӣ мегузошт. Инро дар мисоли ҳуҷуми давлатҳои Англия, Франсия ва Исроил ба муқобили Миср (с. 1956), ҳуҷуми ИМА, Англия ба Ироқ (с. 1958), ҳуҷуми ҳарбии Исроил ба муқобили Миср, Сурия ва Иордания (с. 1967) ва ғайра мушоҳида кардан мумкин буд.

Солҳои 50-60-ум дар инкишофи ҷамъиятии ҷаҳон масъалаи шикасти низомии мустамликадорӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Дар ин давра зиёда аз 70 мамлакат истиқлолияти сиёсӣ ба даст даровард. Вале дар аксари ин мамлакатҳои нав озодшуда ба ҷои зулми мустамликавӣ боз шакли дигари мустмликадорӣ ба вуҷуд омад, чунки чанде аз мамлакатҳои Африка ва Америкаи Лотинӣ қарзи императистонро дода натавонистанд ва сол аз сол фоизи онҳо меафзуд.

Мамлакатҳои сотсиалистӣ принсипҳои демократиро пеш гирифта, ба давлатҳои ҷавони озодшуда ёрии илмию техникӣ ва фарҳангии беғаразона мерасонданд. Танҳо бо кӯмаки ИЧШС 680 корхонаи саноатӣ ва дигар объектҳои сохтмонӣ қомат рост карданд. Дар натиҷаи чунин кӯмакҳо аксарияти ин давлатҳо ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худро пурқувват намуда, ба сатҳи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон наздик шуданд.

Давлати Шӯравӣ дар солҳои 50-80-ум сиёсати сулҳро пеш гирифта, дар миқёси байналхалқӣ барои кам кардани яроқ, шумораи сарбозон, манъи озмоиши яроқҳои ҳаставӣ чанд таклифҳои дигари мушаххасро пешниҳод намуд, ки онҳо ба мустаҳкам гардидани сулҳ дар рӯи замин хизмат карданд.

Дар аввали солҳои 70-ум ИҶШС Барномаи сулҳро қабул намуд, ки татбиқи он муносибатҳои байни давлатҳои сохтори сотсиалистиро бо капиталистӣ то як андоза мӯътадил гардонд. Барнома хусусан дар таъмини бехатарии коллективӣ дар Аврупо, кам кардани базаҳои ҳарбии хориҷӣ, барҳам додани нуқтаҳои оташи ҷанг ва хотима додани моҷароҳои минтақавӣ хизмат кард.

Ҳамин тавр, мусобиқаи таърихии ду сохтори бо ҳам зид зарурати воқеъии пешгирӣ намудани сиёсати «ҷанги сард»-ро ба миён оварда, сабаби беҳтар шудани вазъияти байналхалқӣ гардид.

Соли 1971 мамлакатҳои сотсиалистӣ дар доираи Шӯрои ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ (СЭВ) Барномаи комплексии интегратсияи иқтисодиро барои 15-20 сол қабул намуданд. Ин барнома иқтидори иқтисодии мамлакатҳои сотсиалистиро то як андоза мустаҳкам ва мавқеи ташкилоти давлатҳои Шартномаи Варшаваро дар нигоҳ доштани сулҳ дар Аврупо таҳким бахшид.

Сарфи назар аз ихтилофҳо, робитаҳои иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ дар байни мамлакатҳои сохти сиёсиашон гуногун сол аз сол беҳтар мегардиданд.

**Саҳми ҶШС Тоҷикистон дар таъмини сулҳ дар ҷаҳон**

ҶШС Тоҷикистон сиёсати хориҷии ИҶШС-ро дастгирӣ намуда, саҳми арзандаи худро дар таъмини сулҳ мегузошт. Алоқаҳои байналхалқии ҷумҳурӣ дар мубодилаи ҳайатҳои намояндагӣ, робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳайати варзишӣ ва сайёҳӣ ифода меёфт.

Ҳайатҳои ҷамъиятии хориҷиро созмонҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ, қабул мекард. Тоҷикистон хусусан бо гузаронидани Моҳвора, Ҳафтавора ва Рӯзҳои ИҶШС дар мамлакатҳои хориҷа, ки дар мисоли ҷумҳурии алоҳидаи иттифоқӣ мегузаштанд, хубтар муаррифӣ мегардид. Чунончӣ, соли 1976 рӯзҳои ИҶШС дар мисоли ҶШС Тоҷикистон дар Франсия, соли 1977 дар Ирок, соли 1980 дар Юнон, Италия, Тунис бомуваффақият гузаштанд.

Равобити байналхалқии иқтисодии Тоҷикистон низ ин солҳо дар шакли содироти маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, иштирок дар ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳои байналхалқии саноатӣ инкишоф меёфт. Тоҷикистон маҳсулоти хешро ба бештар аз 40 мамлакати хориҷӣ мефиристод. Вале маблағи маҳсулоти бароварда

шуда ба арзи хориҷӣ (валюта) ба хазинаи Иттифоқ мерафт ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ онро истифода бурда наметавонист.

Нимаи дуюми асри XX дар таърихи башар солҳое буданд, ки лавозимоти ҷангии ҳаставии қатли ом бештар истеҳсол шуда, қисмҳои ҳарбии якчанд мамлакатҳо бо он мусаллаҳ гардиданд. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам хавфу хатари истифодаи он боқӣ мондааст, бинобар он халқи тоҷик ҳамеша тарафдори нест кардани чунин яроқҳо буда, ҳаракати байналхалкии сулҳпарваронаро оиди яроқпартоӣ пурра дастгирӣ мекунад.

Инсоният таркиши бомбаҳои атомиро дар шаҳрҳои Хиросима, Нагасаки ва оқибатҳои даҳшатангези онро ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард. Дар солҳои «ҷанги сард» истеҳсол ва озмоиши яроқҳои ҳарбӣ, хусусан ҳастаӣ мардуми ҷаҳонро ба изтироб овард. Сарфи назар аз низомҳои сиёсӣ дар ҷаҳон, хушбахтона, қувваҳои солиме пайдо гардиданд, ки кори сулҳро дар рӯи замин таъмин намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри тантанаи сулҳ дар рӯи замин тадбирҳои машаххас меандешид. Дар ҷумҳурӣ рӯзи сулҳ гузаронида шуда, шаҳрвандон талаб мекарданд, ки озмоиш ва истеҳсоли яроқҳои ҳастаӣ манъ карда шавад. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар қатори дигар халқҳои Иттиҳоди шӯравӣ зидди ҷангҳои маҳаллӣ (локалӣ) баромад намуда, талаб мекарданд, ки ҷангҳо хотима дода шуда, мустамликаҳои дар Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ буда озод гарданд.

Сол аз сол мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳои ҷаҳон меафзуд, ба мардуми мусибатдида ёрии маънавӣ ва модии худро мерасонид. Дар коллективҳои меҳнатӣ мунтазам маъракаи ҷамъоварии маблағ, либосҳои гуногун, хӯрока ва ғайра гузаронида мешуд.

Ҳамин тавр, солҳои 50-80-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун узви ҷудонашавандаи ИҶШС, тавонист саҳми хоксоронаи худро оид ба таъмини сулҳ дар ҷаҳон гузорад.

Бо туфайли гузаронидани сиёсати дарҳои кушода ҷамъияти Шӯравиро ҷаҳониён ва мамлакатҳои хориҷиро шаҳрвандони ИҶШС хубтар шинохтанд, тафаккур ва фаҳмиши одамон тағйир ёфт. Ин сиёсат «ҷанги сард»-ро то ба ҳамзистии осоишта оварда расонид.

## 2. МАҲКУМ КАРДА ШУДАНИ ШАХСПАРАСТӢ ВА САРШАВИИ ҶАРАЁНИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕА

**Зарари шахспарастӣ ба ҷомеа**

Солҳои ҷанг демократияи ҷомеаи сотсиалистӣ дар мамлакат то як андоза маҳдуд гардида буд. Пас аз ба даст омадани вазъияти осоишта аз як тараф ба қонунияти шӯравӣ риоя карда мешуд, аз тарафи дигар бошад, демократия дар ҷомеа инкишоф меёфт. Вале дар мамлакат шахспарастӣ амал карда, тарзи идоракунии фармонфармоӣ-маъмурӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ халал мерасонд. Оқибатҳои манфии шахспарастӣ дар ҷумҳурии мо низ ҳис карда мешуд. Ҳанӯз дар солҳои 30-40-ум ва аввали солҳои 50-ум як қисми шаҳрвандони бегуноҳи Тоҷикистон ба ҷойҳои дурдасту ноободи Қазокистон ва Сибир бадарға гардиданд. Бо рӯйхати КГБ (Комитети бехатарӣ) шахсони «хавфнок» аз мансаб дур карда шуда, ҳабс мешуданд, баъзе ходимони фарҳанг, зиёиён асарҳои худро чоп карда наметавонистанд.

Дар Тоҷикистон ходимони намоёни давлатӣ, фаъолони ҳизбию ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ба монанди Н. Махсум, А. Раҳимбоев, Ш. Шоҳтемур, Ч. Имомов, И. Исмоилов, С.К. Шадунс, У. Ашӯров, А.Т. Федин ва бисёр дигарон гирифтори шахспарастӣ гардида, бегуноҳ ҷазои сиёсӣ диданд. Ҳамчунин дастнависҳои нодири қадимаи соҳаи адабиёт, санъати халқи тоҷик, сарчашмаҳои таърихӣ гирифтори идеологияи шахспарастӣ шуда, нобуд гардиданд.

Шахспарастӣ инчунин дар солҳои баъдиҷангӣ ба инкишофи ҳаматарафаи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ зарари худро низ расонид. Масалан, гарчанде Тоҷикистон аз канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ ғанӣ ва табиати он барои инкишофи кишоварзӣ қулай бошад ҳам, вале то Анҷумани XX ҲКИШ маблағгузорӣ ва азхудкунии он қаноатбахш набуд. Бинобар он, як қисми объектҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ сари вақт ба кор намедаромаданд. Ҳатто дар сохтмони манзилгоҳҳо, биноҳои маъмурӣ архитектураи замонавӣ истифода шуда, ба нақшу нигори қадимаи ниёгон диққат дода намешуд.

Сохтмони сотсиализм дар мамлакат ва хусусан ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ обрӯ ва эътибори И.В. Сталинро боз ҳам баланд гардонд. Дастгоҳи идеологӣ бошад барои инкишофи шахспарастӣ кӯмак мерасонд. Вале, ҷамъият талаб мекард, ки дар мамлакат ҳарчи зудтар ба қонун ва меъёрҳои муайяншудаи

чомеаи шӯравӣ риоя карда шуда, ба тарзи идоракунии коллективонии мамлакат, барқарор намудани номи неки онҳое, ки ҷазои сиёсӣ диданд, васеъ намудани ҳуқуқи ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ диққат дода шавад.

### Тадбирҳо оид ба бартараф намудани оқибатҳои шахспарастӣ

Анҷумани XX ҲКИШ (феврали соли 1956) масъалаи бартараф намудани парастиши шахсияти Сталин ва оқибатҳои онро муҳокима намуд. Бо мақсади ба шаҳрвандон фаҳмонда додани шахспарастӣ ва такрор нашудани он Комитети Марказии ҲКИШ 30 июни соли 1956 қарорро «Дар бораи бартараф кардани шахспарастӣ ва оқибатҳои он» қабул кард. Дар ин ҳуҷҷат сабабҳои бавуҷудоии шахспарастии Сталин таҳлил гардида, роҳҳои барҳам додани оқибатҳои он пешниҳод шуда буд. Ташкилотҳои ҳизбӣ, шӯравӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон баҳри иҷроиши қарорҳои Анҷумани XX ва дигар ҳуҷҷатҳо доир ба шахспарастӣ сайъу кӯшиш намуданд.

Маҳкум кардани шахспарастӣ ва амалӣ гардидани қарорҳо оиди ин масъала дар ҷомеаи шӯравӣ муҳити эҷодкорӣ фароҳам овард, кори ташкилотҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ ҷоннок гардид. Дар Тоҷикистон барои барқарор кардани номи неки ходимони давлатӣ, ҳизбӣ, комсомолӣ, иттифоқҳои касаба, ки аксарияти онҳо ноҳақ маҳкум шуда буданд, кӯшишҳои зиёд карда шуд.

Барои барҳам додани оқибатҳои шахспарастӣ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон пас аз Анҷумани XX ҲКИШ бар зидди он қувваҳое, ки қонунҳои давлатиро вайрон карда, молу мулки ҷамъиятро тороҷ менамуданд ва ба бюрократизм роҳ дода, услубҳои коллективона ба органҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ роҳбарӣ намуданро вайрон мекарданд, мубориза бурд. Дар фаъолияти комитетҳои ҳизбӣ принсипи роҳбарии коллективӣ устувор шудан гирифт, методҳои маъмуриятчигӣ барҳам дода мешуданд. Дар пленумҳои комитетҳои ҳизбӣ масъалаҳои гуногуни кори ҳизбӣ-сиёсӣ ва хоҷагӣ гузошта мешуданд. Ҳисоботдиҳии комитетҳои ҳизбӣ дар назди оммаи коммунистон беҳтар гардид, алоқаи ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ бо табақаҳои васеи меҳнаткашон мустаҳкам мешуд.

Комиссияҳои босалоҳият ҳуҷҷатҳои ходимони давлатӣ ва ҷамъиятиро, ки ҷазои сиёсӣ дида буданд, бо диққат омӯхта таклифҳои худро оиди сафед кардани онҳо пешниҳод намуданд.

Дар натиҷа номи неки ҳазорҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав барқарор карда шуд.

## 3. ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ–СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

**Зарурияти қабули Конститутсияи нави мамлакат**

Баъд аз он ки Анҷумани XX ҲКИШ шахспарастиро маҳкум намуд дар миқёси байналхалқӣ ва дохили мамлакат раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ рӯ ба пешравӣ ниҳод. Дар кишварҳои хориҷӣ муносибатҳои баъзе ҳизбҳои коммунистӣ, сотсиал-демократӣ нисбати ҲКИШ беҳтар гардида, сиёсати баъзе мамлакатҳои капиталистӣ оиди ИҶШС тағйир ёфта, равобити иқтисодӣ ва фарҳангии худро беҳтар намуданд.

Сарфи назар аз мушкилӣ ва камбудиҳо дар солҳои 50-80-ум дар мамлакат дигаргуниҳои зерин ба амал омаданд: ҳаёти ҷамъиятии мамлакат демократӣ кунонида шуд; мавқеи ҳар як ташкилоти оммавӣ-сиёсӣ дар ҳалли масъалаҳои дохилӣ ва байналхалқӣ муайян гардид; дар асоси Сарқонуни Иттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ тарзи зиндагӣ, меҳнат ва роҳ монда, барои иҷро гардидани қонунияти сотсиалистӣ тадбирҳо андешида шуда, иқтисодиёту фарҳанг инкишоф меёфт.

Бо сабаби ба амал омадани тағйироти куллӣ дар мамлакат, барои риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва муҳофизати хуқуқи инсон аз тарафи Шӯрои Олӣ қонунҳои гуногун ва Конститутсияи нав қабул карда шуд.

Барои дуруст бурдани сиёсати байналхалқӣ ва дохилӣ зарурати аз нав қабул кардани Қонуни асосӣ ба миён омад. Баъди қабули Конститутсияи соли 1936 зиёда аз 40 сол гузашт, дар ҳаёти дохилӣ ва байналхалқии ИҶШС дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Аз ин сабаб баъди муҳокимаи тӯлонӣ Конститутсияи нави ИҶШС 7 октябри соли 1977 қабуд гардид.

Ба Конститутсияи ИҶШС такя карда, тағйироту музаффариятҳои Тоҷикистонро ба назар гирифта, 14 апрели соли 1978 Сессияи ҳаштуми ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Конститутсия (Қонуни Асосӣ)-и нави Ҷумҳуриро тасдиқ кард. Конститутсия аз 10 фасл, 19 боб ва 174 модда иборат буда, хусусиятҳои хоси Тоҷикистонро дарбар гирифта буд.

Дар Конститутсия омадаст, ки ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС ягонагии давлати шӯравиро таҷассум карда, тамоми

миллат ва халқиятҳои ҷумҳуририро муттаҳид намуда, баҳри барпо кардани ҷомеаи нав саҳми худро хоҳад гузошт.

Мувофиқи қарордодҳои анҷуманҳои XX ва XXII ҲКИШ, хусусан Барномаи сеюми ҳизб (с. 1961), мавқеи шӯроҳои депутатҳои меҳнаткашон аз поён то ба боло бояд тағйир ёфта, амалан баланд мегардид. Ин масъала хусусан ҳангоми аз Конститутсия бардошта шудани моддаи оиди роҳбарии ҳизб дар ҷомеа бо куллӣ тағйир ёфт.

**Афзудани мавқеи Шӯроҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ**

Дар ин солҳо дар фаъолияти Шӯроҳо дигаргуниҳои зерин: такмили намояндагии халқ ва равандҳои интихобот; ҳисоботи шӯроҳо ва депутатҳо дар назди интихобкунандагон; дар ҷаласаҳои Шӯроҳо ошкоро ва озодона муҳокима намудани тарзи идоракунии давлатӣ, сохтмони хоҷагӣ, фарҳангӣ; назорат ва натиҷаи амалӣ гаштани дархостҳои вакилон; баланд бардоштани мавқеи комиссияҳои доимии Шӯроҳо; васеъ гардидани ҳуқуқи Шӯроҳои маҳаллӣ ва ғайра ба амал омаданд.

Дар натиҷаи интихоботи моҳи марти соли 1967 ба ҳайати 38 Шӯроҳои шаҳрӣ ва 273 Шӯрои қишлоқии Тоҷикистон 14 ҳазор вакилон интихоб карда шуданд, ки онҳо дар зиёда аз 2 ҳазор комиссияҳои гуногун фаъолият мекарданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки сол аз сол иштироки шаҳрвандон дар маъракаҳои интихобот меафзоянд. Чунончӣ, дар интихоботи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон моҳи феврали соли 1980 1.819.846 шаҳрвандон иштирок намуданд, ки ин 99,99 фоизи интихобкунандагонро ташкил медод. Дар байни вакилони интихобшуда 26,4 фоиз коргарон, 24,4 фоиз колхозчиён, 35,2 фоиз занон ва 31,8 фоиз ҳизбиён буданд. Ҳайати вакилони даъвати даҳуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон то 57,9 фоиз нав гардид.

Сарфи назар аз муваффақиятҳо дар фаъолияти Шӯроҳои Тоҷикистон камбудиҳо низ буданд. Як қисми Шӯроҳо ҳуқуқҳои худро пурра истифода набурда, ба корҳои истеҳсолӣ-маишӣ таъсири лозимӣ намерасонданд.

Мувофиқи қарорҳои анҷуманҳои XXII-XXV ҲКИШ, хусусан Барномаи сеюми он, мавқеи Ҳизби коммунистӣ дар давраи сотсиализми мутараққӣ меафзояд. Ҳизб ҳамчун ядрои сиёсии ҷамъият роҳбарии худро аз болои ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пурзӯр намуда, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, фар-

ҳангӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандон фаъолона ширкат меварзад. Дар ҳизб кӯшиши ҷорӣ намудани услубҳои роҳбарии ленинӣ ба роҳ монда мешуд, ки ин маънои зеринро дошт: риоя кардан ба коллективизм, аз нигоҳи синфият ба зуҳуроти ҷамъиятӣ баҳо додан, бо субъективизм мубориза бурдан, дар фаъолияти сиёсию ташкилотчигӣ ягонагии назария ва амалияро ба ҳисоб гирифтан, ба Оинномa ва Барнома такя намуда, эҷодкорона меҳнат карда ташаббус ва таҷрибаи оммаро ба ҳисоб гирифтан, диққати махсус ба ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи мунтазами кадрҳо додан ва ҳоказо.

Дар Тоҷикистон сол аз сол шумораи ташкилотҳои ҳизбӣ меафзуд. Дар охири соли 1980 ҳайати Ҳизби коммунистӣ аз чор кумитаҳои вилоятӣ, 14 кумитаи шаҳрӣ ва 35 кумитаҳои ҳизбии ноҳиявӣ иборат буд. Агар 1 январи соли 1976 дар Тоҷикистон 4371 ташкилоти ҳизбии ибтидоӣ бошад, соли 1981 вай ба 4855 расид. Шумораи ҳизбиён низ сол аз сол меафзуд. Агар соли 1956 дар ҳайати Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 35124 аъзоён бошанд, соли 1960 - 47920, 1970 -84236 ва соли 1980 - 106167 нафар ҳизбиён буданд.

Дар давраҳои гуногун ҳизб мунтазам аз ҳисоби занони пешқадам пурқувват мегардид. Чунончӣ, соли 1961 дар ҳайати Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон - 9651 нафар занон буданд, ки 18,6 фоизи умумиро ташкил медоданд ва соли 1980 миқдори онҳо ба 23231 нафар (21,9 фоиз) расид.

Зери сарварӣ ва фаъолияти бевоситаи ҳизб дар ҷумҳурӣ корҳои наҷиб анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, дар тарбияи шаҳрвандон, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст омад.

Вале дар фаъолияти ҳизби коммунистӣ камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, дар корҳои дохилиҳизбӣ ба маъмуриятчигӣ роҳ дода, қабул ба ҳизб аз шиносоӣ ва хешутаборӣ иборат буда, назорат аз болои рафти иҷроиши қарорҳои қабулшуда суст гардида, ташкилотҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ баъзан вазифаҳои идораҳои хоҷагиро ба зиммаи худ гирифта, дар бораи иҷроиши нақшаҳои истеҳсолӣ ва ҳисоботҳои бардурӯғ роҳ медоданд. Дар ин бора ҳуҷҷатҳои Пленуми VII КМ ҲК Тоҷикистон (11-12 апрели соли 1961) шаҳодат медиҳад. Пленум таъкид намуд, ки баъзе коркунони роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ ба шӯҳрати бардурӯғ афтода, камбудиҳои корро рӯпуш кардани ва обрӯи сохта ба даст овардани шуда, роҳи чашмбандӣ, фиребдиҳии ҳизб, давлат ва халқро пеш гирифтанд.

Иттифоқҳои касаба яке аз ташкилотҳои сернуфузи Ҷумҳурӣ буда, солҳои 50-80-ум дар байни омма корҳои зиёди тарбиявӣ, истеҳсолиро анҷом дода буданд. Дар аввали солҳои 80-ум Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 16 комитетҳои ҷумҳуриявӣ, 2-вилоятӣ, 154 шаҳрию ноҳиявӣ иборат буда, 1269 ҳазор аъзоро дарбар мегирифтанд.

Бо ташаббуси Иттифоқҳои касаба дар байни синфи коргар мусобиқа барои меҳнати коммунистӣ ва ҳаракати ихтироъкорону ратсионализаторон инкишоф ёфт. Онҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба техникаи бехатарӣ диққат дода, ҳуқуқи коргаронро низ мудофиа мекарданд. Танҳо соли 1986 Инспексияи техникии Иттифоқҳои касаба кори 40 сеху участкаҳоро тафтиш намуда, 1200 дастгоҳу мошинаҳоро барои хатарнок буданашон аз истифодабарӣ манъ карданд. Инспектсия барои хунукназарӣ ба кори техника пешниҳод намуд, ки ба 800 нафар мутасаддиён ҷазо дода шавад.

Иттифоқҳои касаба мунтазам барои саломатии шаҳрвандон ғамхорӣ зоҳир менамуданд. Танҳо дар солҳои 1976-1980 барои истироҳат ва табобати меҳнаткашон дар санатория-курортҳо қариб 300 миллион сӯм сарф карда шуд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки агар занҳо ба кори ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҷалб карда шаванд, иҷроиши вазифаҳои давлатӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангию тарбиявӣ беҳтар мегардад. Занони тоҷик бо туфайли Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ баробарҳуқуқӣ ба даст дароварда, солҳои 50-80-ум мавқеашон дар ҷомеа хело афзуд. Хусусан, Шӯроҳои занон бо кӯмак ва дастгирии идораҳои давлатию ҳизбӣ шаклу усулҳои самараноки тарбияи занон ва духтаронро пайдо намуданд. Солҳои 80-ум дар саноат 48,3 фоиз, дар соҳаи кишоварзӣ қариб 50 фоизро занон ташкил мекарданд. Дар соҳаи маорифи халқ 49 фоиз, дар байни кормандони илмӣ 42,5 фоиз, дар соҳаи тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ 72,8 фоизро занон ташкил медоданд.

Мутаассифона, дар кори байни занон камбудиҳо низ буданд. Чунончӣ, барои фаъолияти занон на дар ҳама ноҳияҳо шароити зарурӣ муҳайё карда шуда, фоизи муайяни онҳо аз надоштани ихтисос бо кор таъмин карда намешуданд. Аз 338 ҳазор нафар занони бекор 245,8 ҳазорашон дар деҳот истиқомат мекарданд. Хусусан серфарзандӣ, бо муассисаҳои томактабӣ пурра таъмин набудан, механизатсияи нокифояи истеҳсоли кишоварзӣ, набудани ҷои кор дар нуқтаҳои алоҳидаи аҳолинишин ва ғайраҳо ба истифодаи самараноки қувваҳои меҳнатӣ халал мерасонданд.

Имрӯз занон, чун тамоми мардуми Тоҷикистон, дар ободонию осоиштагии ҷумҳурӣ ҳиссагузор мебошанд.

Баъд аз Анҷумани XX ҲКИШ мавқеи комсомол баланд бардошта шуд. Вазифаҳои асосии ташкилотҳои комсомолӣ аз инҳо иборат буданд: якум, тарбияи насли наврас дар рӯҳи ғояҳои коммунистӣ; дуюм, баланд бардоштани роли ҷавонписарону духтарон дар тезондани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат; сеюм, тайёр намудани ҷавонони ҳаматарафа инкишофёфта, ки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат фаъолона иштирок карда тавонанд; чорум, баланд бардоштани роли ҷавонон дар ҳалли проблемаҳои муҳимтарини ҳаракати байналхалқии демократии ҷавонон. Азбаски комсомол ёрдамчӣ ва захираи ҳизб ба шумор мерафт, бинобар ин роҳбарии ҲКИШ ба Иттифоқи ҷавонон афзуд.

Шумораи ҳизбиён дар ташкилотҳои комсомолии Тоҷикистон мунтазам зиёд мешуд. То 1 январи соли 1986 дар комсомол 14229 нафар коммунистон кор мекарданд, ҳамаи котибони якум ва дуюми комитетҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии комсомол аъзои ҳизб буданд.

Дар анҷумани XXIV комсомоли ҷумҳурӣ (с. 1987) қайд карда шуд, ки сифати ҳайати ташкилот хеле беҳтар гардида, шумораи комсомолони коргар 30,1 фоизро ташкил медод. То 1 январи соли 1987 дар сафҳои комсомоли Тоҷикистон 215058 нафар коргар ва 122496 нафар колхозчӣ буд.

Сазовори таҳсин аст, ки дараҷаи маълумотнокии комсомолон пайваста баланд мегардид. Аз шумораи умумии комсомолони ҷумҳурӣ 60 фоизашон маълумоти олӣ ва миёна доштанд.

Комсомоли Тоҷикистон аз лаҳзаи пайдоиши худ аз рӯи моҳият ва табиатан интернатсионалӣ буд. Дар сафи комсомол намояндагони қариб 80 миллату халқиятҳо буданд. Ҷунончӣ, тоҷикон-351863, русҳо-57256, ӯзбекҳо-147402, украинҳо-4933, қиргизҳо-8006, тоторҳо- 8081, туркманҳо-3749 ва ғайра.

Ташкилотҳои комсомолӣ ба баланд бардоштани фаъолияти аъзоёни ВЛКСМ аҳамияти бағоят калон медоданд. Бо ҳамин мақсад дар ташкилотҳои ибтидоӣ бо комсомолон сӯҳбатҳои инфиродӣ гузаронида, ҳисоботу рапортҳои онҳо дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои қабулшуда, супоришҳои комсомолӣ, дар бораи баланд бардоштани дараҷаи маълумотнокӣ ва ғоявию сиёсиашон шунида мешуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ ташкилотҳои ҷавонони ҷумҳурӣ дар чунин самтҳо кор

бурданд: якум, ҷавонони эҷодкорро фаъолона ба тезонидани прогресси илму техника, мусобиқаи сотсиалистӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот, сарфаю сариштакорӣ ҷалб намудан; дуюм, ба баланд бардоштани дараҷаи маданию техникии коргарҷавонон муваффақ шудан; сеюм, дар бобати ҳавасмандгардонии маънавию моддии ҷавонписарону духтарон кори муайянеро иҷро кардан.

Мавқеи ҷамъиятӣ-сиёсии комсомоли Тоҷикистон афзуда, саҳми ӯ дар ҳалли масоилҳои иқтисодӣ назаррас буд. Чунончӣ, комсомоли Тоҷикистон шефии худро дар сохтмони зарбдори умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил намуд. Дар байни анҷуманҳои XXIII ва XXIV ҳизб 13 ҳазору 89 нафар ҷавонписарон ва духтарон дар сохтмонҳои калони Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок намуданд.

## Тағйирот дар роҳбарии сиёсӣ ва идории ҷумҳурӣ

Ба охир расидани ҷанги дуюми ҷаҳон, фаро расидани сулҳ ва маҳкум карда шудани шахспарастӣ дар мамлакат ба саршавии раванди демократикунонии ҷомеа мусоидат намуд. Дар Тоҷикистон солҳои 50-80-ум ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бо куллӣ тағйир ёфта ба пешравии ҷумҳурӣ мусоидат менамуд.



*Ходими давлатию ҷамъиятӣ Турсун Ӯлҷабоев*

Ба камбудиҳо, хатогиҳо нигоҳ накарда, баланд шудани мавқеи идораҳои давлатӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ омили муҳими пешравии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гардид. Обрӯ ва мавқеи ИҶШС дар арсаи байналхалқӣ баланд шуда, робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангии Тоҷикистон низ бо мамлакатҳои ҷаҳон инкишоф ёфт.

Дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ роҳбарони ҷумҳурӣ, аз ҷумла ходими ҳизбию давлатӣ Турсун Ӯлҷабоев[1] низ калон ме-

[1] Турсун Ӯлҷабоев соли 1916 дар оилаи деҳқон, дар кишлоқи Кӯруки ноҳияи Хуҷанд ба дунё омадааст. Фаъолияти меҳнатии худро соли 1935 пас аз хатми техникуми омӯзгории ноҳияи Нов дар вазифаи муаллими синфҳои ибтидоӣ оғоз намуда буд. Аз соли 1936 то соли 1961 дар вазифаи роҳбари ташкилотҳои комсомолӣ, ҳизбӣ кор кардааст. Пленуми

бошад. Ӯ хусусан дар солҳои 50-ум дар тартиб додани нақшаҳои панҷсола ва ба ҳукумати Иттифоқӣ пешниҳод кардани барномаи сохтмони стансияи барқии калонтарин дар Осиёи Марказӣ – ГЭС-и Норак фаъолият нишон додааст. Маҳз дар тӯли солҳои 1956-1961 Т. Ӯлҷабоев ҳамчун донандаи хуби ҳаёти иқтисодӣ ба он эътибор дод, ки дар ҷумҳурӣ бештар корхонаҳои калони саноатӣ ва корхонаҳои коркарди ашёи хом сохта шавад. Бо саъй ва кӯшиши ӯ корхонаҳои саноатӣ ва кимёвии Ёвон ба нақша гирифта шуданд, корхонаи маъдани кӯҳии Анзоб низ бо ташаббуси Т. Ӯлҷабоев дар ҷумҳурӣ сохта шудааст.

Сохтмони ГЭС-и нав дар Қайроқум сар шуд. Дар натиҷа садҳо гектар заминҳои корам зери об монд. Ҳукумати Ӯзбекистон ба ҷои заминҳои зери об мондаи обанборҳои Фарҳод–ГЭС ва Қайроққум 75 ҳазор гектар заминро бояд медод. Аммо онҳо як қисмашро доданду қисми зиёдашро фаромӯш карданд. Дар натиҷаи кӯшиши зиёд ва серталабии Т. Ӯлҷабоев 50 ҳазор гектар замини боқимонда низ рӯёнида шуд, ки дар заминаи он ноҳияи Зафаробод ба вуҷуд омад.

Барои хизматҳои бузург дар инкишофи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, бунёдгузории силсилаи энергетикию саноати ҷануби Тоҷикистон нерӯгоҳи барқии Норак ба номи Ӯлҷабоев Турсун номгузорӣ карда шуд.

---

VII КМ ҲК Тоҷикистон моҳи апрели соли 1961 ӯро аз вазифаи котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон озод намуда, аз сафи ҳизб хориҷ кард.

Солҳои 1961-1964 Т. Ӯлҷабоев директори совхози «Метинтуқай»-и вилояти Кӯлоб, солҳои 1964 – 1976 директори совхози зотпарварии «Гарм» ва аз соли 1976 то 1988 роҳбари совхози «Анҷумани XXIV ҲКИШ»-и ноҳияи Куйбышев шуда кор кардааст.

Т. Ӯлҷабоев чун сарвари доно, хирадманду ташкилотчӣ дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла энергетика саҳми арзанда гузоштааст.

## САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## ДАР БОРАИ БАРТАРАФ КАРДАНИ ШАХСПАРАСТӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

30 июни соли 1956 КМ ҲКИШ оиди шахспарастӣ ва оқибатҳои он қарори махсус қабул намуд. Дар ҳуҷҷат қайд шудааст, ки «Парастиши шахсияти Сталин, махсусан дар солҳои охири умраш, ба кори роҳбарии ҳизбӣ ва давлатӣ, сохтмони сотсиализм зарари хеле ҷиддӣ расонд…

Мақсад аз танқиди шахспарастӣ бартараф кардани оқибатҳои зарарноки он ва мустаҳкам намудани мавқеи сотсиализм буд. Дар фаъолияти И.В. Сталин ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ буд, ва онро ҳизб қадр мекард ва ҳам ҷиҳати манфӣ буд, ки онро танқид ва маҳкум мекард.

Ҳизб оқибатҳои шахспарастиро бартараф намуда, барои амалиёти фаъолона ва ташаббуси эҷодкоронаи омма, барои инкишофи демократияи сотсиалистӣ майдони васеъ кушод…»

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Чаро анҷумани XX ҳизб шахспарастии Сталинро маҳкум кард?*

*Кадом ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Тоҷикистонро медонед, ки бегуноҳ ҷазои сиёсӣ дидаанд?*

*Моҳияти Барномаи сулҳи ИҶШС аз чӣ иборат буд?*

*Дар ҷумҳурӣ барои тарбияи ҷавонон ва занон кадом ташкилотҳо бевосита машғул буданд?*

*Ходимони намоёни илму фарҳанги халқи тоҷикро номбар кунед.*

*Сабабҳои 14 апрели соли 1978 қабул гардидани Конститутсия (Қонуни Асосӣ)-и РСС Тоҷикистон кадомҳоанд?*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Маҳкум карда шудани шахспарастии И.В. Сталин ва саршавии ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъият.

–Фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои 50-ум.

–Аз таърихи ташкилёбӣ ва фаъолияти Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаҳои мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ.

–Фаъолияти сиёсӣ ва ҷамъиятии Турсун Ӯлҷабоев.

# БОБИ 3.
# ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 50-80-УМ

## 1.НАҚШИ ПАНҶСОЛАҲО ДАР ПЕШРАФТИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ

Асоси сохтори иқтисодии ҷомеаи сотсиалистиро моликияти давлатӣ (умумихалқӣ) ва колхозию кооперативӣ ташкил дода, он бо туфайли нақшаҳои мушаххаси панҷсолаҳо ба амал оварда мешуд. Ҳокимияти Шӯравӣ аз соли 1928 то пошхӯрдани ИҶШС дувоздаҳ панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халқро қабул карда буд. Таи солҳои 1946-1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нӯҳ маротиба нақшаҳои панҷсола қабул карда ва дар асоси он ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ пеш бурда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳар як панҷсола вазифаҳои мушаххаси худро дошт. Масалан, панҷсолаҳои панҷум (солҳои 1951-1955), шашум ва ҳафтсола (солҳои 1959-1965) барои минбаъда тараққӣ додани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, хусусан дар пешрафти саноат, сохтан ва ба кор даровардани завод, фабрика, комбинатҳо, ГЭС-ҳо заминаҳои хуб муҳайё карда, дар инкишофи минбаъдаи ҷомеаи сотсиалистӣ дар Тоҷикистон мақоми муайян бозидаанд.



*Неругоҳи барқии Норак*

Тӯли ин солҳо бо кӯмаки ҳукумати умумииттифоқӣ, дастгирии корхонаҳои калонтарини Москва, Ленинград ва дигар ҷумҳуриятҳои бародарӣ хоҷагии халқи Тоҷикистон бо техникаи нав ва технологияи пешқадам мусаллаҳ гардида, нақшаҳои истеҳсолии худро ҳам дар соҳаи саноат ва дар соҳаи кишоварзӣ бомуваффақият иҷро менамуд. Хусусан бо туфайли нақшаи панҷсолаи ҳаштум (солҳои 1966-1970) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмонҳои зарбдори Умумииттифоқӣ ба монанди

ГЭС-и Норак, заводи алюминии Регар, комбинати электрохимявии Ёвон ва ғайра вусъат ёфтаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои панҷсолаи нӯҳум (солҳои 1971-1975) Тоҷикистон тавонист низ чандин корхонаҳои калони саноатии худро ба кор дароварда, қувваи барқ ва хусусан молҳои саноати сабукро барзиёд истеҳсол намояд. Бо туфайли татбиқи ин нақшаҳо Тоҷикистон аз ҷумҳурии аграрӣ ба агросаноатӣ табдил ёфт.

Аз нимаи дуюми солҳои 50-ум сар карда, дар ҳаёти моддӣ ва маънавии мардуми ИҶШС дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки онҳо боиси пешрафти илм, техника, истеҳсолот ва идоракунӣ гардиданд. Ин ба инқилоби илмию техникӣ ибтидо гузошт.

Инқилоби илмию техникӣ дар қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият дигаргунии куллие ба амал овард. Яке аз хусусиятҳои муҳими инқилоби илмию техникӣ дар он буд, ки он ба таври васеъ, ҳаматарафа ба тамоми фаъолияти эҷодии шаҳрвандон, меҳнатии шахсият таъсири мусбат расонд.

Инқилоби илмию техникӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, дар минтақаҳо ва мамлакатҳои гуногун якхел ва баробар инкишоф намеёфт. Дар мамлакатҳои тараққикардаи индустриявӣ инқилоби илмию техникӣ тез ривоҷ меёфт, аммо дар он давлатҳое, ки қувваҳои истеҳсолкунандаашон сусту заиф тараққӣ карда буданд, ба душвориҳои калон рӯ ба рӯ мешуданд. Дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Иттиҳоди Шӯравӣ, ки қонуниятҳои иқтисодиро вайрон карда буданд, барои инкишофи илму техника монеаҳо ба миён омаданд. Сарфи назар аз камбудиҳо дар баъзе соҳаҳои илму техника ИҶШС дар сафи пеш буд.

Инқилоби илмию техникӣ дар соҳаҳои истеҳсоли мошин ва таҷҳизоти гуногун дигаргуниҳои калони сифатиро низ ба вуҷуд овард. Барои ба ҳаракат овардани мошин манбаъҳои нави қувва: плазма, офтоб кашф гардиданд. Равандҳои истеҳсолӣ торафт автоматиконида мешуданд. Дар истеҳсолот маводҳои бо роҳи сунъӣ истеҳсолшуда, аз ҷумла полимерҳо васеъ истифода бурда мешуданд. Инқилоби илмию техникӣ маданияти меҳнатро баланд бардошта, ба инкишофи эҷодии одамон таъсири мусбат расонд.

## 2. ИНКИШОФИ САНОАТ. КОМПЛЕКСИ ҲУДУДӢ-ИСТЕҲСОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ

Дар солҳои 50-80-ум инқилоби илмӣ-техникӣ дикта мекард, ки Тоҷикистон чун узви ИҶШС дар асоси техникаи нав ва технологияи пешқадам саноати худро пеш барад, зеро боигарии табиаташ имконият медод, ки дар ҷумҳурӣ соҳаҳои гуногуни саноат, ба монанди кӯҳканӣ, металкоркунӣ, электроэнергетика, саноати масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ ва ғайра инкишоф дода шаванд. Хусусан соҳаи саноати сабук, пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, абрешим, пойафзолбарорӣ, консервабарорӣ метавонистанд бо суръати баланд тараққӣ намоянд.

Аз нимаи дуюми солҳои 50-ум сар карда дар Тоҷикистон корхонаҳои нави саноатӣ сохта мешуданд. Дар як муддати кӯтоҳ сохтмони истгоҳҳои барқии Шаршар дар дарёи Вахш ва Қайроқум дар дарёи Сир ба охир расид.



*Арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ Ҷаббор Расулов*

Дар солҳои 60-80-ум барои инкишофи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хуб муҳайё гардид. Ҳукумати Иттифоқ барои пешрафти саноат ва кишоварзии ҷумҳурӣ маблағҳои зиёд ҷудо намуд. Агар дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ва солҳои баъдиҷангӣ бештар ба инкишофи саноати ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон диққат дода шуда бошад, пас аз солҳои 60-ум сар карда, дар асоси барномаи махсус ба азхудкунӣ ва тараққиёти ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ аҳамият дода шуд. Чунки дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон барои пешрафти хоҷагии халқ ашёи зиёди хом, захираҳои обӣ, қувваи корӣ вуҷуд дошт ва инфраструктураи муайян низ ба амал омада буд. Бинобар ин, Ҳукумати ҷумҳурӣ Барномаи Комплексии ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубиро қабул намуд. Мувофиқи ин барнома бояд пеш аз ҳама объектҳои зерин: ГЭС-ҳои Норак, Бойғозӣ, Роғун, заводи алюминии тоҷик, комбинати электрохимиявии Ёвон, комбинати металургӣ-кӯҳии Анзоб, комбинати азотии Вахш, роҳи оҳани Ёвон-Кӯрғонтеппа-Тирмиз ва ғайра ба кор медаромаданд. Татбиқи чунин барнома реалӣ буда, дар Тоҷикистон соҳаҳои нави саноат бояд ба вуҷуд меомаданд.

Дар тартиб ва тадбиқи барномаи Комплексии ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ Ҷаббор Расулов – арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ саҳми калон гузоштааст[1]. Зиёда аз 20 сол Ҷ. Расулов – бевосита роҳбарии ҷумҳуриро ба ӯҳда дошта, дар ободии Ватан, алалхусус пешрафти саноат, кишоварзӣ, фарҳанг ва илм хизмати босазо намудааст. Дар ҳамин давра Тоҷикистон чун ҷумҳурии тараққикарда шинохта шуда, соҳаҳои гуногуни саноат ба вуҷуд омада, синфи коргари миллӣ ташаккул ёфт, истеҳсоли пахта то ба як миллион расида, як қатор муассиса ва ташкилотҳои нави фарҳангӣ бунёд шуда, амалан фаъолият нишон доданд.

Яке аз шахсоне, ки солҳои тӯлонӣ бо Ҷаббор Расулов кор кардааст, Низорамоҳ Зарифова буда, дар ҳаққи эшон чунин навиштааст: «Бо Ҷаббор Расулов солиёни зиёд кор карда, дарк намудам, ки ӯ шахсияти бузург, кордон, серталаб, сахтгир, маслиҳатгару носеҳ ва фарди ҷонсупурдаи меҳан будааст. Зеро аз ҳар ҷиҳат шукуфоӣ ва ободии Тоҷикистон, бунёди иншоотҳои азими барқӣ, обёрӣ, фабрикаву заводҳо, роҳу нақлиёт, васоити шабакаҳои алоқа, пешрафти шеваҳои тамоми кишоварзӣ, инкишофи фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва ғайра ба фаъолияти ӯ марбут аст.»

Дар сохтмони Комплекси агросаноатии Тоҷикистони ҷанубӣ қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ бевосита саҳм гузоштанд. Ёрии онҳо пеш аз ҳама дар саривақт фиристодани мутахассисони таҷрибанок, ба шефӣ гирифтани объектҳои маданӣ-маишӣ, бо таҷҳизоти нав, технологияи пешқадам таъмин намудан ва ғайра зоҳир мешуд.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани барномаи Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода,

---

[1] Расулов Ҷаббор (10.07.1913, Хуҷанд, - 04.04.1982, Душанбе), ходими ҳизбӣ ва давлатии Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (с.1981). Аз оилаи коргар, аъзои ҲКИШ аз соли 1939, соли 1934 Институти пахтакории Осиёи Миёнаро хатм намудааст. Солҳои 1934-1938 агроном. 1938-1941 ҷонишини Комиссари халқии зироати РСС Тоҷикистон. Солҳои 1941-1945 намояндаи Комиссариати халқии маҳсулоттайёркунии ҶШС Тоҷикистон, 1945-1946 Комиссари халқии зироати ҷумҳурӣ буд. Соли 1946 – Вазири зироати техникӣ, 1946-1955 Раиси Совети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 1955-1958 ҷонишини Вазири хоҷагии қишлоқи ИҶШС, солҳои 1958-1960 котиби КМ ПК Тоҷикистон. Солҳои 1960-1961 сафири фавқулодда ва мухтори Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷумҳурии Того. Солҳои 1961-1982 котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон буд. Депутати Шӯрои Олии ИҶШС (даъватҳои 2 – 10), депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъватҳои 2 – 10). Бо ордену медалҳои зиёд мушарраф гардидааст.

Барои абадӣ гардондани хотираи Расулов Ҷ. яке аз ноҳияҳои вилояти Суғд ба номи ӯ гузошта шудааст. Совхоз дар вилояти Хатлон, мактаби миёнаи №22 ш. Хуҷанд ва яке аз кӯчаҳои ш. Душанбе низ номи ӯро гирифтаанд.

Норак, Ёвон, Кофарниҳон, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ғайра ба шаҳрҳои калони саноатӣ табдил ёфтанд. Дар давоми 29 сол зиёда аз 300 корхонаю сеххои калони саноатӣ сохта шуда, ба кор даромаданд. Соҳаҳои нави саноат, ба монанди металлургияи ранга, кимё, электроэнергетика ва ғайра ташкил ёфта, намуд ва ҳаҷми маҳсулот афзуд. Танҳо истеҳсоли барқ се маротиба зиёд шуда, соли 1980 ба 13,6 млрд. квт. расид.

Мутаассифона, баъзе корхона ва сохтмонҳои комплекси ҷанубӣ бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ нотамом монданд. Дар байни онҳо ГЭС-и Роғун низ буд.

**Синфи коргар ва сатҳи маданӣ-техникии он**

Яке аз омилҳои самарнокии истеҳсолоти саноатӣ тайёр намудани кадрҳо ва мунтазам баланд бардоштани савияи маданӣ-техникии онҳо мебошад. Агар соли 1955 дар Тоҷикистон 10 ҳазор нафар кадр тайёр шуда бошад, пас дар солҳои 1981-1985 танҳо дар муассисаҳои саноатӣ 258 ҳазор нафар коргарони нав ба кор шурӯъ намуданд. Соли 1985 дар Тоҷикистон шумораи кормандони соҳаҳои гуногуни саноат ба 1120 ҳазор нафар расид. Хусусан миқдори кормандони инженер-техникии дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус афзуд. Соли 1985 ин шумора ба 154,3 ҳазор нафар расид. Танҳо дар аввали солҳои 80-ум 35 ҳазор ҷавонписарон ва духтарон 76 омӯзишгоҳҳои техникӣ ва мактабҳои касбҳои техникии ҷумҳуриро хатм намуда, ба истеҳсолот рафтанд.

Бо мақсади самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ филиалҳои муассисаҳои саноатӣ кушода шуданд. Дар охири соли 1983 10,6 ҳазор занҳои хонанишин дар 78 филиал, сехҳои корхонаҳои саноатӣ сабук ба кор даромаданд.

Дар тарбия ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ба мо ҷумҳуриҳои дигари Иттифоқӣ низ ёрии калон расонданд. Донишкадаҳои олии Москва, Ленинград, Киев, Тошкент ва дигар шаҳрҳо ҳар сол барои Тоҷикистон берун аз озмун 50-100 ҷой ҷудо карда, мутахассисонро тайёр мекарданд.

**Фаъолияти меҳнатии коргарон**

Шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар сохтмони иншоотҳо фаъолона иштирок карданд. Чунончӣ, бо ташаббуси ҷавонон ГЭС-и Норак, заводи алюминии тоҷик, комбинати электрохимиявии Ёвон сохтмонҳои зарбдори комсомолӣ эълон карда шуданд. Ҳазорон комсомолону ҷавонон муносибати ватандӯстона нишон дода, диловарона меҳнат намуданд.

Бо ташаббуси коргарони муассисаҳои саноатӣ баҳри самаранок гардидани истеҳсолот, шаклҳои гуногуни мусобиқа ба амал омад. Яке аз ин ҳаракатҳо мусобиқа барои гирифтани номи фахрии зарбдори меҳнати коммунистӣ буд. Ин ҳаракат соли 1981 - 462 ҳазор ва соли 1985 - 525542 касро дар бар гирифт, ки аз онҳо 156 ҳазорашон ба номи зарбдори меҳнати коммунистӣ мушарраф гардиданд. Номҳои аввалин ташаббускорони меҳнати коммунистӣ – Анвар Эгамбердиев, Иван Стенякин, Михаил Слаболенюк, пайравони Валентина Гаганова – Анна Асланова, Валентина Щербакова, аввалин пайравони Юлия Вечерова – Мукаррама Саидова, Людмила Скрябина, Таисия Демченко ва дигарон дар саҳифаи таърихи халқи тоҷик сабт шуданд.

Ҳаракати ватандӯстонаи «Дар ҳар ҷои корӣ-ҳосилнокии баланди меҳнат, интизом, муташаккилӣ ва эҷодкорӣ» дар байни коргарони ҷумҳурӣ хеле вусъат ёфт. Дар ҳаракати «Шаъну шараф аз меҳнат аст!» бештар аз 1500 коллектив, бригадаю звеноҳо, бештар аз 140 ҳазор коргарон иштирок карданд.

Барои меҳнати пурсамар коргарзанон Розия Қурбонова, Ильич Нурова, Тамара Меньшикова, Бозорой Аҳмадова ва садҳо дигарон бо унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гардиданд.

Синфи коргари Тоҷикистон дар инкишофи прогресси техникӣ низ фаъолият нишон додаст. Дар заводи «Текстилмаш»-и ба номи Ф.Э. Дзержинский, комбинати абрешими Душанбе «Рӯзи қабули кушод ва муҳокимаи таклифҳои ратсионализаторӣ» гузаронида мешуданд. Дар охири солҳои 70-ум дар ҷумҳурӣ зиёда аз 20 ҳазор коргарон аъзои ВОИР буданд.


*Ресанда, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Розия Қурбонова*

Роҳбарони корхонаҳо дар якҷоягӣ бо Иттифоқҳои касаба барои беҳтар кардани сифати маҳсулот мубориза бурда, нишонаҳои махсус «Ба коргари пешқадам», «Ба бригадаи сифати маҳсулоташ аъло», «Ба сменаи сифати маҳсулоташ аъло»-ро таъсис дода буданд. Натиҷаҳои кор дар ҳар семоҳа ҷамъбаст гардида, байрақ ва нишона бевосита дар ҷои кор супурда мешуд.

Ҳамин тавр, солҳои 50-80-ум дар натиҷаи меҳнати пурсамари синфи коргар дар Тоҷикистон саноати бисёрсоҳа ташаккул

ёфт. Дар ин солҳо комбинати гӯшт, равғану маска, фабрикаи трикотажӣ, Тоҷикагрегат, Торгмаш, Текстилмаш, корхонаҳои яхдонбарорӣ, қаннодии «Ширин», оҳану бетон, сементбарорӣ, Тоҷикатлас, стантсияи алоқа дар Душанбе, марказҳои гармидиҳии Қайроқум, Душанбе, заводҳои хишту оҳан дар Кӯлоб, Данғара, Ёвон, Исфара, Шаҳритус, заводи азотии Вахш ва ғайра ба кор даромаданд, ки маҳсулоти онҳо ба зиёда аз 50 мамлакати ҷаҳон фиристода мешуд. Хусусан, маҳсулоти алюминӣ, металҳои рангаи камёфт, барқ, саноати бофандагӣ, мева дар бозорҳои ҷаҳонӣ талабгорони зиёди худро пайдо карда буданд.

Солҳои 60-80-ум дар Тоҷикистон зиёда аз 570 корхонаҳои хурду калон ба кор даромаданд. Маҳсулоти умумии саноат дар солҳои 1961-1985 зиёда аз 17 маротиба афзуд. Соли 1986 маҳсулоти умумии саноати дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда 31 фоизи даромади миллиро ташкил медод. Саноати ҷумҳурӣ дар миёнаи солҳои 80-ум зиёда аз ҳазор намуди маҳсулот истеҳсол мекард. Дар ҳамин давра шумораи синфи коргар чор маротиба афзуд. Ҳамин тавр, солҳои 50-80-ум Тоҷикистон аз ҷумҳурии аграрӣ – саноатӣ ба давлати саноатӣ-аграрӣ табдил ёфт.

Сарфи назар аз муваффақиятҳо саноат ва сохтмон камбудиҳои худро доштанд. Дар баъзе соҳаҳои саноат механизатсия ва автомотизатсияи равандҳои истеҳсолот паст буда, ҳосилнокии меҳнат намеафзуд. Фоизи исрофи ашёи хом ва сифати пасти маҳсулот, хусусан саноати сабук ташвишовар буд.

Дар солҳои 60-80-ум дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохтмони хонаҳои бисёрошёна, қасрҳои маданият, комплексҳои саноатӣ авҷ гирифт, вале сифати сохтмон беҳбудиро мехост. Зеро дар сохтани объектҳои маданӣ-маишӣ меъмории миллӣ риоя карда намешуд ва дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ бештар ба биноҳои якхелаи типпи аврупоӣ диққат дода мешуд. Ҷойивазкунии коргарон дар корхонаҳои саноатӣ, сохтмон ва нақлиёт, ба кор дер мондан, наомадан ташвишовар буда, сабаби иҷро нашудани нақшаҳои истеҳсолӣ мегардид.

## 3. СИЁСАТИ АГРАРӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

**Баҳри самаранокии хоҷагии кишоварзӣ**

Халқи тоҷик аз замонҳои қадим бо кишоварзӣ машғул буд. Табиати кишвар, хусусан обу ҳаво, офтоби пурсаховати он имконият медод, ки деҳқонон ба зироаткорӣ, боғу

токпарварӣ ва ба чорводорию кирмакпарварӣ машғул шаванд.

Дар Тоҷикистон солҳои 50-80-ум ба инкишофи ҳаматарафаи кишоварзӣ диққати махсус дода мешуд. Аз ин сабаб дар барномаи стратегии иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ҷои муайянро сиёсати аграрӣ ишғол мекард. Бо мақсади татбиқи сиёсати аграрӣ дар Тоҷикистон чораҳои зерин: мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии колхозу совхозҳо, идома додани азхудкунии заминҳои бекорхобида ва мелиоратсияи замин, инкишофи электрификатсияи деҳот, диққат додан ба кори селектсионӣ, баланд намудани ҳавасмандии моддии деҳқонон ва ғайра андешида шуданд.

Деҳқонони ҷумҳурӣ ба кашфиёти илмӣ, техника ва технологияи пешқадам такя намуда, дар соҳаи интенсификатсияи кишоварзӣ саҳми арзанда гузоштанд. Мубориза барои баланд бардоштани ҳосилнокии пахта, афзоиши маҳсулнокии соҳаҳои чорводорӣ, кирмакпарварӣ, боғдорию сабзавоткорӣ, истифодаи оқилонаю самарабахши техника, ба шефӣ гирифтани мелиоратсия, ҷорӣ намудани механиконӣ ва химиконии комплексии истеҳсолот, вусъат додани ҳаракати оммавии деҳқонон, барои азхуд кардани касбҳои техникӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи мардуми деҳот гардидаанд.

Омили муҳими пешрафти хоҷагии кишоварзӣ бо тарзи дуруст идоракунӣ ва дар асосҳои илмӣ пеш бурдани он мебошад. Солҳои тулонӣ ташкилу тараққиёти кишоварзӣ дар ихтиёри Вазорати хоҷагии кишлоқи ҷумҳурӣ буд. Пленуми майи (соли 1982)-и КМ ҲКИШ Барномаи озуқавории ИҶШС-ро қабул кард, комплексҳои агросаноатӣ ташкил ёфтанд. Дар Тоҷикистон чор комплекси агросаноатии вилоятӣ ва 43 ноҳиявӣ амал мекарданд.

Комплекси агросаноатӣ ба афзоиши истеҳсоли хӯрокворӣ, мустаҳкам намудани иқтисодиёти деҳот мусоидат мекард. Дар ҷумҳурӣ инчунин иттиҳодияҳои агросаноатӣ ба амал омаданд. Чунончӣ, дар соҳаи истеҳсоли гӯшт иттиҳодияи агросаноатии Ховалинг ташкил дода шуд.

Дар самарнок гардидани кишоварзии ҷумҳурӣ саҳми кормандони илм низ сол аз сол меафзуд. Хусусан, ходимони Академияи кишоварзии ҷумҳурӣ ва олимони Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон дар мавзӯҳои муҳим тадқиқотҳои худро ба итмом расонданд. Танҳо солҳои 1980-1990 кормандони Донишгоҳи кишоварзӣ аз рӯи корҳои ба итмом расондаашон 26 тавсиянома нашр карданд, ки 11-тои он дар истеҳсолот татбиқ гардидааст. Чунончӣ, барои комёбиҳои калон дар ба вуҷуд овардани

навъҳои нави пахтаи маҳиннах академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобо Сангинов ба мукофоти давлатӣ сарфароз гардонда шуд.

Пахтакорони Осиёи Миёна тавсияҳои олимони лабораторияи биосенозаи пахтаи Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки усули интегратсия кардани муборизаро бар зидди зараррасонҳои хоҷагии кишоварзӣ кор карда баромаданд, бомуваффақият истифода бурданд. Бо ҷорӣ кардани онҳо ифлосшавии муҳити зист якбора кам шуда, коркарди майдонҳои пахтаи ҷумҳурӣ ба 80 фоиз расид, ки ин ба сарфа кардани маблағҳои зиёди пулӣ имконият дод.

Олимони соҳаи кишоварзии Тоҷикистон Б. Сангинов, Р.Г. Мустақимов, Д.Д. Қосимов, А.Қ. Ғаффоров, В.Н. Литвинов, Ҳ.Д. Ҷумъақулов, А.А. Назаров, Н.К. Нурматов, С.П. Ломов ва дигарон бо кашфиётҳои худ натанҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар кишварҳои хориҷ низ маълуму машҳуранд. Мутаассифона, чанд тадқиқоти муҳими баланд гардидани самарнокии хоҷагии кишоварзӣ дар амал татбиқ нашуда монданд.

Дар Тоҷикистон аз солҳои 50-ум сар карда ба тараққӣ додани кишоварзӣ диққати зиёд дода мешуд, хусусан майдонҳои пахтакорӣ ва боғу токпарварӣ васеъ гардиданд. Агар соли 1950 Тоҷикистон ба давлат 288 ҳазор тонна пахта супорида бошад, пас соли 1956 ҷамъоварии он ба 415,4 ҳазор тонна расид. Барои ин муваффақиятҳояш Тоҷикистон бо ордени Ленин мукофотонида шуд.

Дар таърихи халқи тоҷик солҳои 50-80-ум чун солҳои аз худ кардани заминҳои бекорхобида ба ҳисоб меравад. Чунончӣ, мардуми кӯҳистони Мастчоҳ аз душворхо натарсида, дар аз худ кардани заминҳои бекорхобидаи Дилварзин корнамоии меҳнатӣ нишон доданд. Фарзандони ин диёр Ҳоҷӣ Амиров, Наврӯз Раҷабов, Сафарбек Давлатов ва дигарон барои дар истеҳсоли пахта саҳми калон гузоштанашон ба унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гардиданд.

Дар сиёсати муҳоҷират ба камбудиҳои ҷиддӣ низ роҳ дода шуда буд. Дар вақти кӯчонидани аҳолии Мастчоҳи кӯҳӣ беасос як қисми иморатҳои ҷамъиятӣ вайрон карда шуданд. Ба Мирзочӯл кӯчонидани яғнобиён боиси қариб гум шудани фолклор ва этнографияи яке аз авлодони қадими суғдиён гардид. Хушбахтона, ин камбудиҳои ҷиддӣ солҳои охир ислоҳ карда шуданд.

Гарчанде меҳнаткашони ҷумҳурӣ солҳои 50-ум дар соҳаи чорводорӣ, ғаллакорӣ, боғу токпарварӣ, кирмакпарварӣ, обчакорӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст дароварда бошанд ҳам, вале дар хоҷагии кишоварзӣ камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доштанд. Чунончӣ, баъзе хоҷагиҳо аз замин самарнок истифода накарда, ба паст намудани арзиши аслии маҳсулот ва баланд бардоштани маданияти меҳнат диққат намедоданд. Чорводории ҷамъиятӣ ва шахсӣ бо суръати хеле суст тараққӣ мекард. Роҳбарони баъзе ноҳияҳо ва ҷумҳурӣ оиди иҷроиши нақшаҳои ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ ҳисоботи бардурӯғ медоданд. Чунин рафтор аз тарафи ташкилотҳои ҳизбӣ, маъмурӣ маҳкум карда шуд.

Пешравии хоҷагии кишоварзӣ бо кадрҳои дорои маълумоти баланд алоқа дорад. Дар ҷумҳурӣ ба ин масъала низ диққати махсус дода мешуд. Танҳо Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои мавҷудияти худ зиёда аз 20 ҳазор мутахассисони баландихтисосро тайёр карда ба ноҳияҳои ҷумҳурӣ равона кардааст. Омӯзишгоҳҳои миёнаи махсуси соҳаи кишоварзӣ низ кадрҳои зиёдро тайёр намуда ба деҳот фиристодааст.

Дар солҳои 60-80-ум ба такмили ихтисоси мутахассисони хоҷагии кишоварзӣ аҳамият дода, зиёда аз 8 ҳазор коркунони роҳбарикунанда ва мутахассисони комплекси агросаноатӣ донишҳои худро баланд бардоштанд.

Базаи моддӣ-техникии колхозу совхозҳои Тоҷикистон мунтазам мустаҳкам мегардид. Соли 1985 хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ дорои 36,7 ҳазор трактор, 16,2 ҳазор автомобил ва 4 ҳазор мошинҳои пахтачинӣ буд.

### Ҳаракати механизаторӣ дар деҳот

Бо техникаи олӣ таҷҳизонидани колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ дар назди пахтакорон проблемаи кадрҳои механизаториро хеле амиқ ба миён гузошт. Табиист, ки ба ҷавонон таълим додани касбҳои механизаторӣ яке аз вазифаи асосии ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ гардид. Ҷавонон ихтисосҳои техникии деҳотро зери шиори «Дар деҳот зиндаги мекунӣ-техникаро дон!» аз худ карданд. Дар натиҷа ҷавонписарону духтарон қисми асосии механизаторонро ташкил доданд.

Бо ташаббуси хоҷагиҳои ноҳияҳои Колхозобод, Восеъ, Мастчоҳ, Хуҷанд курсҳои механик-ронандагони мошинаҳои пахтачинӣ кушода шуданд. Дар байни духтарон, дар бобати ба курсҳо сафарбар кардани онҳо, корҳои зиёди тарбиявӣ бурда мешуд.

Даҳҳо духтарони ҷумҳурӣ аз механизатори номии мамлакат, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Турсуной Охунова ибрат гирифта, касби механик-ронандаро аз худ намуданд. Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ Г. Пиракова, Х. Розиқова, дорандагони мукофоти комсомоли Тоҷикистон М. Қурбонова, Х. Маъруфова, Г. Рӯзиева ва дигарон аз ҷумлаи онҳоанд. Механизатори номдори ноҳияи Пролетар Кифоят Бобокалонова ташаббуси пурқиммат нишон дод. Ӯ механизаторони ҷумҳуриро даъват намуд, ки ҳар сол то мавсими ҷамъоварии пахта ду нафар духтаронро чун ронандаҳои мошинҳои пахтачинӣ тайёр кунанд.

Барои васеъ ва ҳаматарафа ба кори механизаторӣ ҷалб намудани духтарон комсомоли Тоҷикистон мукофоти ба номи Зайнаб-бибии қаҳрамонро, ки ҷонашро барои барпо кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҷумҳурӣ нисор кардааст, таъсис намуд. Бо ин мукофот духтарон-ғолибони мусобиқаи байни механик-ронандагон, ки дар ҷамъоварии пахта натиҷаҳои аз ҳама хуб ба даст овардаанд, мукофотонида шуданд.



*Механизатор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Гавҳар Пиракова*

Ин мукофот аввалин бор ба механик-ронандаи колхози ба номи В.И. Ленини ноҳияи Пролетар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Хурсанд Розиқова супорида шуда буд. Бо ин мукофот ҳамчунин механик-ронандагон Фариштамоҳ Усмонова, Сангинмоҳ Ғуломова (ноҳияи Фархор), Кенҷагул Ҳамидова (ноҳияи Москва), Муборак Каримова (ноҳияи Хуҷанд), Ҳанифа Маъруфова (ноҳияи Мастчоҳ), Гулинор Рӯзиева, Малика Қурбонова (ноҳияи Восеъ) ва дигарон сарфароз гардонда шуданд. Ин шакли ҳавасмандгардонӣ ба кори ба таври оммавӣ ҷалб намудани духтарон ба ҳаракати механизаторӣ таъсири судбахш расонд.

Бо ташаббуси кишоварзони ноҳияи Колхозобод дар колхозҳои «Москва», «40-солагии Октябр» барои пахтакорон мактабҳои таҷрибаи пешқадам кушода шуданд. Дар колхозҳои Қӯрғонтеппа мунтазам чунин шаклҳои таълим, ба мисли «Рӯзи механизатор», «Рӯзи мутахассис» гузаронида мешуданд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ ба шарофати ғамхории амалии ташкилотҳои давлатию ҳизбӣ ба механиконии комплексӣ ша-

роити хуб муҳайё карда шуд. Дар натиҷа ноҳияи Мастчоҳ ба яке аз базаҳои механиконидашудаи пахтакорӣ табдил ёфт.

Ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС низ саҳми арзандаи худро дар пешрафти пахтакории Тоҷикистон гузоштаанд. Бригадаҳои тафтиши байниҳамдигарӣ аз Ӯзбекистон ва Озарбойҷон, ки пайваста бо рафти иҷрои ӯҳдадориҳои сотсиалистӣ шинос мешуданд, ба пахтакорони ҷумҳурӣ ёрии амалӣ мерасонданд. Онҳо натанҳо камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ошкор мекарданд, балки роҳҳои зудтар бартараф намуданашонро низ нишон медоданд.

Тоҷикистон дар тӯли солҳои 60-80-ум ба яке аз базаҳои муҳими истеҳсоли пахта табдил ёфта, аз рӯи ҳосилнокӣ ва истеҳсоли пахтаи маҳиннах дар ИҶШС ҷои аввалро ишғол мекард. Солҳои 80-ум Тоҷикистон истеҳсоли пахтаро зиёд кард. Бори аввал соли 1980 ҷумҳурӣ ба давлат зиёда аз 1 млн. тонна пахта супурд.

**Чорводорӣ ва боғу токпарварӣ**

Дар ҷумҳурӣ ба пешрафти чорводорӣ низ диққат дода мешуд. Хусусан, аз солҳои 60-ум сар карда ба тараққиёти ин соҳаи кишоварзӣ аҳамият дода шудааст. Аз ҷумла, ба тайёр кардани кадрхои соҳаи чорводорӣ, механиконидани корҳои ин соҳа диққати хоса дода мешуд. Чунончӣ, С. Шарифов тайёр кардани бедаро аз рӯи технологияи пешқадам мегузаронд: алафи даравшударо дарҳол ба тойҳо пресс карда, сипас дар шипанги фермаҳои ширию молӣ ғарам карда мемонд.

Дар ҷумҳурӣ ба васеъ паҳн кардани таҷрибаи чорводорони пешқадам диққати махсус дода мешуд. Дар ин бобат рӯзномаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Коммунист Таджикистана» саҳми бағоят калон бозиданд. Дар рӯзномаҳо зери сарлавҳаҳои «Таҷрибаи чорводорони пешқадам ба ҳамаи фермаҳо!», «Ба комплексӣ агросаноатӣ - саҳми ҷавонон» дар бораи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, говҷӯшзани колхози ба номи Ленини ноҳияи Исфара Суфро Боқиева, чӯпони совхози ба номи Ю. Гагарини ноҳияи Шаҳритус, Лауреати мукофоти комсомоли ҷумҳурӣ Гулмирзо Абдумуродов ва бисёр дигарон нақл карда шудааст. Вале чорводории ҷамъиятии аксарияти хоҷагиҳо бесамар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ зараровар буд.

Солҳои 60-80-ум саҳми бригадаҳои ҷуворимаккапарварӣ дар мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво афзуд. Барои муваффақиятҳои калон дар руёнидани ҳосили баланди ҷуворимакка коллективи комсомолону ҷавонони Р. Тиллоев аз сов-